МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

ТКБ-81.2Т
ТБУ-4Т
А37

Ба ҳуқуқи дастнавис

АЗИМОВА УМЕДАҶОН АБДУМАВЛОНОВНА

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ТАЪРИХИИ ЛЕКСИКА ВА ФРАЗЕОЛОГИЯИ «ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ» БО ЛАҲҶАҲОИ МУОСИРИ ШИМОЛӢ ВА ҶАНУБИИ ТОҶИКӢ

ИХТИСОСИ
10. 02. 20-ЗАБОНШИНОСИИ МУҚОИСАВӢ-ТАЪРИХӢ, ҚИЁСӢ-МУҚОИСАВӢ

АВТОРЕФЕРАТИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

ХУҶАНД-2020

Диссертатсия дар кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии

«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» анҷом дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Ҳасанзода А. А**.- доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Муқарризони расмӣ: **Мухторов З. М.-** сардори раёсати робитаҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Холшехова С. А.- номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд

Муассисаи тақриздиҳанда: Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ”

Ҳимояи диссертатсия «22» апрели соли 2020-ум соати «15.00 » дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-033 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1) баргузор мешавад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва сомонаи www.hgu.tj. шинос шудан мумкин аст.

Эълони дифои диссертатсия ва фишурдаи он дар сомонаи расмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.vak.tj. ҷой дода шудаанд.

Автореферати диссертатсия дар таърихи « » _____ соли 2020ум ирсол карда шуд.

Котиби илмии Шӯро:
номзади илмҳои филолгӣ, дотсент Шарипова М.З.

Муқаддима

Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот. Дар таърихи забону адабиёти тоҷикӣ (форсӣ) давроне мавҷуд буд, ки таърихнигории ба истилоҳ исломӣ рушд намуда, соҳибони ин гуна осор ба таври моҳирона тавонистанд аз уҳдаи дар миёни қавмҳои дигар, ба хусус арабҳо шуури таърихиро ба вуҷуд овардан бароянд. Садаҳои X-X1 аз ҷумлаи ҳамин гуна аҳд ба шумор мерафт, зеро дар ин даврони бошукӯҳ муаррихони номдори тоҷике, монанди Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, Абӯалии Балъамӣ, Абӯнасри Утбӣ, Абӯалии Мискавайҳ, Абдулҳайи Гардезӣ осори гаронбаҳое таълиф намуда, бо чунин навиштаҳои арзишманди худ барои поягузорӣ шудани суннати писандидаи таърихнигории исломӣ саҳми шоиста гузоштанд ва ба ин восита номашон дар саҳифаҳои таърих ба таври ҷовидонӣ сабт гардид.

Ҳар кадоме аз осори насрии дар ин қарнҳо таълифгардида аз маъхазҳои дигар бо хусусиятҳои алоҳидаи луғавиву грамматикияшон тафовут доштанд. Чунончи, «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ машҳур ба «Таърихи Байҳақӣ» дар радифи ҳамин гуна осор қарор дошта, баёни муаллиф, ба таъбири муҳаққиқ М.Волдманн, «шигифтовар ва ҳатто гоҳ пурҳаяҷон» аст[1]. Маҳз ҳамин вижагии забони таърихномаи мазкур моро водор намуд, ки ба таҳлилу қиёси робитаи калимаву таркиб ва ибораҳои рехтаи он бо лаҳҷаҳои ҳозираи шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ таваҷҷуҳи худро равона кунем.

Дараҷаи азхудшудаи масъалаи имлӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот. То имрӯз дар хусуси ҷиҳатҳои гуногуни забони таърихномаи Байҳақӣ асару мақолаҳои таҳқиқӣ таълиф гардидаанд, рисолаҳои илмӣ дифоъ шудаанд, китобҳои дарсӣ ба нашр расидаанд, аммо муаллифони чунин осори таҳқиқӣ дар назди худ вазифаи ба риштаи таҳлил кашидани кулли вижагиҳои забони асари номбурдаро нагузоштаанд. Мо ин гуна осорро аз рӯи мазмуну муҳтавояшон ба се навъ тақсим кардем.

1.Таҳқиқоте, ки дар онҳо ҷиҳатҳои алоҳидаи забони таърихномаи Байҳақӣ баррасӣ шудаанд. Ба ин гурӯҳи пажӯҳишҳо метавон таҳқиқоти ба хусусиятҳои ҷонишинҳои осори ниёгон, аз ҷумла “Таърихи Байҳақӣ” бахшидаи профессор Б. Сиёев[2], қайдҳои алоҳидаи муҳаққиқон М. Волдманн ва С. Шамисо доир ба вижагии дугонагии забони асар[3], ё «сабки байнобайн»[4], ё ки ба насри «давраи Ғазнавӣ ва Салҷуқии аввал» мансуб будани забони таърихнома, асари профессор А. Ҳасанов оид ба иртиботи забони осори садаҳои X-XIII бо лаҳҷаҳои муосири шимолӣ[5], ишораҳои алоҳидаи забоншинос М. Боқирӣ роҷеъ ба сохташавии иддае аз иборот дар таърихномаи зикргардида[6], пажӯҳишҳои муҳаққиқон Ғ. Юсуфӣ доир ба маҳорати нависандагии Абулфазли Байҳақӣ дар вожасозиву вожагузинӣ[7], Х. Фаршедвард доир ба хусусиятҳои сохтории ҷумлаҳои «Таърихи Байҳақӣ», ба хусус аъзоҳои ҷумла, вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаб, хусусиятҳои ҷумлаҳои пайрави таркиби ҷумлаҳои

---

[1] Волдманн М.Замона, зиндагӣ ва корномаи Байҳақӣ. Тарҷумаи Мансураи Иттиҳодия. Чопи аввал, -Теҳрон, 1375.- С.175.

[2] Сиёев Б. Ташаккули ҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ.- Душанбе: Ирфон, 2002.- С. 58, 62, 112, 123, 135, 146-147, 179, 209.

[3] Волдманн М. Замона, зиндагӣ ва корномаи Байҳақӣ. Тарҷумаи Мансураи Иттиҳодия. Чопи аввал. -Теҳрон, 1375.-С.175.

[4] Шамисо С.Сабкшиносии наср. -Теҳрон, 1377. – С.47-48.

[5] Ҳасанов А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ). –Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – С. 60, 78, 93, 97, 121, 122, 123, 154, 183, 193, 195, 208, 212.

[6] Боқирӣ М. Таърихи забони форсӣ. Монография / М. Боқирӣ.-Теҳрон: Қатра, 1375. –С.180.

[7] Юсуфӣ Ғ. Ҳунари нависандагии Байҳақӣ. // Ёдномаи Абулфазли Байҳақӣ. Чопи дувум. -Машҳад, 1374. – С.798.

мураккаби тобеъ[8], Б. Саидӣ дар хусуси вижагиҳои феъли «Таърихи Байҳақӣ»[9], О.Мирмуҳаммадов роҷеъ ба сермаъноии феълҳои гуногунсохти асар[10], Ҷ. Абдулҳадов дар бораи иқтибосҳои арабӣ, туркиву муғулӣ, ҳиндӣ ва юнонии дар таърихнома мавҷударо[11] мансуб донист.

2.Гурӯҳи дувуми осори таҳқиқиро онҳое ташкил медиҳанд, ки муҳтавояшон аз таҳлили баъзе хусусиятҳои луғавию калимасозӣ ё морфологии асар иборат аст. Ба силсилаи чунин осори таҳқиқӣ метавон пажӯҳишҳои Ж. Лазар дар хусуси намунаи хуби насри форсии дарӣ ба шумор омадани “Таърихи Байҳақӣ”, хусусиятҳои корбурди пешвандҳои калимасозу шаклсозе, чун *андар*-, *ме*-, *ҳаме*-, мавриди истифода қарор гирифтани иддае аз калимаву ибороти маҳаллӣ[12], Т. Зеҳнӣ оид ба бархе хусусиятҳои луғавии таърихномаи Байҳақӣ, пойдормонии ҳиссае аз калимаву таркиб ва ибороти он дар лаҳҷаҳои имрӯзаи тоҷикӣ, хусусиятҳои корбурди воҳидҳои фразеологии алоҳида дар асар, хусусиятҳои вижаи ҳиссаҳои нутқ, мисли исму феъл[13], Н. Салимов роҷеъ ба пайрави насри арабӣ будани Байҳақӣ, истиқболи муаллиф аз тарзи мувозанаву саҷъ, интихоби вожаву таъбироти тоза аз захираи гуфтори маҳаллӣ аз ҷониби Байҳақӣ, вожаву таъбироти тозаи тоҷикӣ[14], Ю. Кенҷаев доир ба хусусиятҳои луғавию калимасозии «Таърихи Байҳақӣ»[15], С. Муллоҷон дар бораи ривоҷи забони форсии дарӣ на танҳо дар дарбор, балки берун аз он[16], О.Сулаймонов роҷеъ ба вижагиҳои корбурди ҳиссаҳои номии нутқу феъл ва калимаҳои ёридиҳандаву нидоро[17] дохил намуд.

3. Дар як қатор асарҳои таҳқиқӣ, китобҳои дарсӣ ё дастурҳои таълимии олимони ватаниву хориҷӣ дар қатори вижагиҳои забонии дигар осори насри классикӣ хусусиятҳои алоҳидаи луғавӣ, сарфию наҳвии «Таърихи Байҳақӣ» низ матраҳ гардидаанд. Осори муҳаққиқон М. Н. Қосимова оид ба баъзе хусусиятҳои луғавии «Таърихи Байҳақӣ», бархе вижагиҳои сарфии асари мазкур, чанде аз мухтассоти наҳвии таърихномаи мавриди таҳлил,[18] С. Ҳалимов дар хусуси дар баъзе маврид ба нигориши рӯзнома монандӣ пайдо кардани услуби «Таърихи Байҳақӣ», вуҷуди унсурҳои барҷастаи бадеӣ дар он, истифодаи унсурҳои халқӣ-гуфтугӯӣ ё дар муколама ба кор рафтани ҷумлаҳои кӯтоҳи гуфтугӯӣ дар асар, аҳамияти муҳими ин таърихнома

---

[8] Фаршедвард Х. Ҷумла ва таҳаввули он дар забони форсӣ. -Теҳрон, 1375.- С. 375-376, 381-383.

[9] Саиди Б. Ф. Глагольная лексика в «Таърихи Бейхаки»: автореф. дис. … канд. филол. наук. -Душанбе, 2009. – С. 8-21.

[10] Мирмухаммедов О. Т. Семантические поля разноструктурных глаголов «Таърих-и Байхаки». автореф. дис. … канд. филол. наук. -Худжанд, 2011. – С.6-22.

[11] Абдулхадов Ж. З. Лексические заимствования в «Таърихи Байҳақи» Ходжа Абулфазл Мухаммад бинни Хусайн Байхаки дабир: автореф. дис. … канд. филол. наук. -Душанбе, 2012. – С.7-21.

[12] Lazard G. La lanque des plus anciens monuments de la prose persane. -Paris, 1963. – P. 76-79.

[13] Зеҳнӣ Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ. –Душанбе: Дониш, 1987. – С. 32, 34, 70, 92-93, 141, 149, 153, 159, 165, 166, 171-172, 178, 192, 194, 207, 208, 210.

[14] Салимов Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои 1ХХ111). –Хуҷанд: Нури маърифат. 2002.-С. 46-47.

[15] Кенджаев Ю. Лексические и словообразовательные особенности «Таърихи Байҳақи» Абулфазла Байхаки: автореф. дис. … канд. филол. наук. -Худжанд, 2000.-С. 6-23; Кенҷаев Ю. Сеҳри сухани Байҳақӣ. -Хуҷанд, 2000. –С. 6-34.

[16] Муллоҷон С. Порсии дарӣ дар аҳди Ғазнавиён // Забон-рукни тоат (маҷмӯаи мақолаҳо). Китоби чорум. -Душанбе, 2008. –С. 353.

[17] Сулаймонов О.Морфологические особенности «Таърихи Байхаки»: автореф. дис. … канд. филол. наук. -Худжанд, 2006. –С. 6-23.

[18] Қосимова М.Н.Таърихи забони адабии тоҷикӣ. Асрҳои Х1-Х11. Китоби дарсӣ. Ҷ. 2. -Душанбе, 2016. – С. 5, 10, 19, 29, 34, 52, 66, 161, 163, 164, 165, 168, 175, 186, 190, 195, 200, 202, 208, 210, 211, 214, 220, 227. [19] Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои Х1-Х11). -Душанбе, 2002. –С. 16, 45, 46, 68, 69, 70, 71, 72.

аз нигоҳи луғат ва наҳв[19], М. Баҳор доир ба хусусиятҳои луғавӣ, сарфӣ ва наҳвии ин таърихнома[19] мансуб ба ҳамин навъи пажӯҳишҳо мебошанд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Ҳадафи таҳқиқ.Инъикос карда нашудани робитаи забони таърихномаи Абулфазли Байҳақӣ бо лафзи лаҳҷаҳоии имрӯзаи шимоливу ҷанубии тоҷикӣ муайянкунандаи мақсаду вазифаҳои рисолаи мазкур маҳсуб мегардад. Пойдормонии калимаву таркиб ва ибораҳои муқаррариву рехтаи фаровони «Таърихи Байҳақӣ» дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ водор мекунад, ки усулҳои маҳфузмонии онҳо ба таври комил аз назари таҳлил гузаронида шаванд.

Объекти таҳқиқот: таҳлили муқоисавӣ-таърихии лексика ва фразеологияи «Таърихи Байҳақӣ» бо лаҳҷаҳои муосири шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ қарор дода шудаанд.

Мавзӯи таҳқиқот. Омӯзиши таҳлили муқоисавӣ-таърихии лексика ва фразеологияи «Таърихи Байҳақӣ» бо лаҳҷаҳои муосири шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ мебошад.

Масъалаҳои таҳқиқот:

- вазифаҳои таҳқиқот ба ҳадафи пажӯҳиш вобастагӣ дошта, тақозо менамоянд, ки масоили зайл ҳаллу фасл карда шаванд:

-муайян кардани гурӯҳҳои луғавӣ-маъноии воҳидҳои луғавии аслии тоҷикии дар «Таърихи Байҳақӣ» ва лаҳҷаҳои ҳозираи шимоливу ҷанубии тоҷикӣ вуҷуддошта;

-ба риштаи таҳлил кашидани дараҷаи пойдормонии унсурҳои луғавии аслии тоҷикии таърихномаи Байҳақӣ дар лаҳҷаҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ;

-нишон додани мансубияти унсурҳои луғавии аслии тоҷикии ба истилоҳ «гӯишӣ»-и «Таърихи Байҳақӣ» ба ҳиссаҳои нутқ;

-муайяннамоии мансубияти забонии воҳидҳои луғавии ғайритоҷикии дар таърихномаи Байҳақӣ ва лаҳҷаҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ маҳфузмонда;

-ошкоркунии дараҷаи ба таҳаввулоти шакливу маъноӣ дучоргардии калимаву таркиб ва ибораҳои алоҳидаи «Таърихи Байҳақӣ» дар лаҳҷаҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ;

-муайян кардани сабабҳои бидуни таҳаввул ё бо дигаргунии сохториву маъноӣ ба кор рафтани воҳидҳои луғавии аслии тоҷикии асари номбурда дар лафзи маҳаллии имрӯзаи тоҷикӣ;

-нишон додани қаламрави истифодаи чунин унсурҳои луғавии таърихномаи Байҳақӣ дар лаҳҷаҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ;

-баррасӣ намудани пойдормонии вижагиҳои куҳан ва зуҳур кардани хусусиятҳои нави бархе воҳидҳои луғавии аслии тоҷикӣ ва иқтибосии «Таърихи Байҳақӣ» дар лаҳҷаҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ;

-аз назари таҳлил гузаронидани хусусиятҳои истифодаи иқтибосҳои дар таърихномаи зикршуда мавҷуда ва лаҳҷаҳои имрӯзаи шимоливу ҷанубии тоҷикӣ;

-нишон додани вижагиҳои корбурди ибораҳои рехтаи номӣ ва феълӣ дар «Таърихи Байҳақӣ» ва бидуни дигаргунии шаклу маъно, ё бо тағйироти муайян пойдормонии онҳо дар лаҳҷаҳои ҳозираи шимоливу ҷанубии тоҷикӣ;

-ошкоркунии нақши калимаҳои соматикӣ ҳамчун вожаҳои меҳварии ифодаҳои рехта дар «Таърихи Байҳақӣ» ва ҳифозати онҳо дар лаҳҷаҳои ҳозираи шимоливу ҷанубии тоҷикӣ;

-инъикос намудани дараҷаи ба забони таърихномаи Байҳақӣ наздик будани лаҳҷаҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ дар мисоли истифодаи ибораҳои рехта.

---

[19] Баҳор М. Т. Сабкшиносӣ ё таърихи таттаввури насри форсӣ. -Техрон: Заввор, 1381. Ҷ. 1. – С. 344, 346, 352; ҷ. 2 –С. 88, 90, 92.

Усулҳои таҳқиқот.Барои бо низоми муайян ба риштаи таҳлил кашидани маводи гирдомада ба асару мақолаҳои олимони тоҷик, мисли профессорон М. Н. Қосимова, Р. Ғаффоров, Ғ. Ҷӯраев, Ш. Исмоилов, Р. Ҳодизода, Б. Сиёев, В. С. Расторгуева, Р. Л. Неменова, А. Л. Хромов, Д. Саймиддинов, А. Насриддинов, Н.Салимов, Н. Гадоев, А. Ҳасанов ва муҳаққиқони хориҷӣ, монанди Ж. Лазар, М. Волдманн, А. В. Калинин, Г. П. Князкова, Е. К. Молчанова, И. А. Оссоветский, В. Д. Ушаков, Н. М. Шанский, М. Баҳор, П. Н. Хонларӣ, Х. Фаршедвард ва дигарон такя карда шуд.

Соҳаи таҳқиқот назариявӣ буда, масоили таҳлил ва муқоисаи лексикаву фразеологияи “Таърихи Байҳақӣ” бо лаҳҷаҳои муосири шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ таҳқиқу баррасӣ мегарданд.

Марҳилаҳои таҳқиқот:

-интихоби мавзӯъ;

-омӯзиши адбиёт доир ба мавзӯи мавриди таҳқиқ;

-ҷамъоварии маводи таҳқиқ ва таснифу табақабандии онҳо;

-таҳлили маводи таҳқиқ;

-дар амалия татбиқ кардани назария; -натиҷагирӣ ва хулоса.

Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот: Нақшаи корҳои илмӣтаҳқиқотии кафедраи забони тоҷикии МДТ-и “ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”, мувофиқ ба самти «омӯзиши таърихи забони тоҷикӣ ва таҳаввули он дар даврaҳои мухталиф» ва конфренсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ. Натиҷаҳои пажӯҳиш дар дарсҳо ва курсҳои махсуси лексионӣ– амалии факултетҳои филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» истифода шудааст. Муҳимтарин нуктаҳои диссертатсия дар конфренсияҳои илмӣамалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (солҳои 2017-2020) аз тарафи диссертант мавриди корбурд қарор гирифтааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот.Бори нахуст вуҷуд доштани алоқа байни забони «Таърихи Байҳақӣ» ва лаҳҷаҳои ҳозираи тоҷикӣ ба таври комил ба риштаи таҳлил кашида шуда, усулҳои маҳфузмонии гурӯҳи калони унсурҳои луғавии аслии тоҷикӣ ва иқтибосии асари мазкур дар лафзи тоҷикони шимол ва ҷануби Тоҷикистон нишон дода шудааст. Ҳангоми таҳлили масъалаи робитаи забони байни “Таърихи Байҳақӣ” ва лаҳҷаҳои имрӯзаи шимоливу ҷанубии тоҷикӣ сабабҳо ва омилҳои ба таҳаввулоти сохториву маъноӣ дучоргардии гурӯҳи калони воҳидҳои луғавӣ баррасӣ шудааст.

Аҳамияти назарии таҳқиқот. Натиҷаҳои аз таҳлили масъалаи зикргардида бадастомадаро ҳангоми таълифи асарҳои илмӣ доир ба гӯишшиносии таърихиву муосир, таърихи забонҳои эронӣ, ба хусус тоҷикӣ, дар ҷараёни таҳия намудани фарҳангномаҳои ба баромади унсурҳои луғавии гӯишӣ алоқаманд метавон ба кор бурд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки маводи онро метавон ҳангоми таълими курсҳои таърихи забони тоҷикӣ, гӯишшиносии таърихӣ, курсу семинарҳои махсус доир ба забону услуби “Таърихи Байҳақӣ” истифода намуд. Инчунин натиҷаҳои аз рисола бадастомада метавонанд ба аспирантон, докторантон, магистрантон дар таълифи диссертатсия ҳамчун маводи ёридиҳанда истифода гардад.

Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:

1. Собит кардани истифодаи унсурҳои луғавии ба форсизабонони ҳама минтақа фаҳмо ба кор бурдани калимаву ибораҳои хоси гуфтори тоҷикони Мовароуннаҳру Хуросон аз ҷониби Абулфазли Байҳақӣ;
2. Нишон додани якгун набудани калимаву ибораҳои дар «Таърихи Байҳақӣ» истифодашуда аз нигоҳи доираи ба кор рафтанашон: корбурди иддае аз онҳо дар

лаҳҷаҳои шимоливу ҷанубии тоҷикӣ ва истифодагардии ҳиссаи дигар дар кулли гӯишҳо;

3. Муайян намудани мухталиф будани унсурҳои луғавӣ дар таърихномаи мазкур ва лаҳҷаҳои ёдшудаи тоҷикӣ, аз нигоҳи мансубияташон ба исму феъл тааллуқ доштани қисми бештари онҳо ва ҳиссаи камашонро дарбаргирии сифату шумораву ҷонишину зарф;

4. Инъикос кардани ба як ё чанд маъно боқимонии қисме аз калимаву ибораҳои дар таърихномаи Байҳақӣ дучоронда дар лаҳҷаҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ;

5. Собит намудани маҳфузмонии унсурҳои луғавии аз нигоҳи асли пайдоиш ба забони тоҷикӣ мансуббудаи аксари вожаҳои дар таърихномаи Байҳақӣ истифодагардида, вале ҳиссаи камро ташкил кардани калимаҳои ба забонҳои дигар, ба хусус забони арабӣ тааллуқдошта дар лаҳҷаҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ;

6. Баррасӣ кардани аз лиҳози маъно ба тағйирот дучор шудани ҳиссае аз калимаҳои дар асари мазкур истифодагардида новобаста ба мансубияти забонияшон ва ба як маънои мушаххаси таҳаввулёфта ё беш аз он мавриди истифода қарор гирифтани онҳо дар лаҳҷаҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ;

7. Нишон додани бо як мувозии мушаххас маҳфузмонии вожаҳо дар лаҳҷаҳои ҳозираи шимолӣ, вале дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ бо ду ё беш аз он шакл гардиши фаъол доштани бархе аз ин гуна унсурҳои луғавии дар таърихномаи Байҳақӣ мавҷуда;

8. Инъикос кардани маҳфузмонии бештари воҳидҳои фразеологии феълӣ дар лаҳҷаҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ аз байни ифодаҳои рехтаи дар таърихномаи мазкур дучоронда;

9. Нишон додани аксари ифодаҳои рехтаи дар лаҳҷаҳои ҳозира боқимондаи асари номбурдаро ташкил додани онҳое, ки ба сифати яке аз ҷузъҳояшон калимаҳои соматикӣ ба кор рафтаанд;

10. Аз аксари фарҳангномаҳои тафсирии гузаштаву имрӯза ғайриимкон будани пайдонамоии иддае аз воҳидҳои рехтаи дар таърихномаи зикршуда дучоронда ва дар лаҳҷаҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ боқимонда;

11. Бидуни ягон дигаргунии шакливу маъноӣ дар лаҳҷаҳои ҳозираи шимоливу ҷанубӣ пайдор мондани баъзе воҳидҳои рехтаи дар “Таърихи Байҳақӣ” мустаъмал имрӯз ва бо тағйироти муайяни шакливу маъноӣ гардиш доштани ҳиссаи дигар.

Саҳми шахсии довталаб. Диссертант дар тӯли солҳои ба ҳайси унвонҷӯ ба омӯзиш ва пажӯҳиши афкори назарии донишмандони дохилию бурунмарзӣ, аз ҷумла, Абулфазли Байҳақӣ пардохтааст. баррасии робитаи забони «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ бо лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ дар бар гирифта, дар ҷараёни таҳлил кӯшиш карда шудааст, ки сабабҳо, усулҳо ва хусусиятҳои боқимонии унсурҳои луғавии дар таърихномаи мазкур истифодагардида дар лаҳҷаҳои тазаккурёфтаи тоҷикӣ ба риштаи таҳлил кашида шавад.

Маводи забонӣ аз нашри душанбегии таърихномаи Байҳақӣ, ки таҳиягари матн, муаллифи муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳои он муҳаққиқ С. Муллоҷон буда, соли 2014-ум дар нашриёти “Бухоро” дар ҳаҷми 774 с. интишор ёфтааст, гирдоварӣ шудааст. Инчунин барои нишон додани маҳфузмонии қисме аз калимаву ибораҳои асари номбурда дар лаҳҷаҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ аз асару луғатномаҳои ба лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва шимолии Тоҷикистон, инчунин лаҳҷаҳои тоҷикони Бухорову Самарқанд бахшидаи А. З. Розенфелд, В. С. Расторгуева, Р. Л. Неменова, М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев, Р. Ҳодизода, Р. Абдуллозода, Ҳ. Н. Самарқандӣ, С. Назар, А. Зоҳидов, Б. Осимова, А. Ҳасанов ва дигарон истифода шудааст.

Натиҷаҳои бадастомада дар диссертатсия маҳсули пажӯҳиши шахсии муаллифанд.

Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он. Диссертатсия дар кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расида, дар ҷаласаи кафедраи номбурда (қарори № 9-ум аз 3-юми апрели соли 2020-ум).

Бахшҳои асосии рисолаи мазкур дар ҷаласаҳо ва семинарҳои назди кафедраҳои забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Аз рӯи мавзӯи рисола дар конфронсу симпозиумҳои байналмилалӣ, инчунин конференсияҳои илмии солонаи устодону кормандони Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” маърӯзаҳо хонда шуданд.

Интишори натиҷаҳои диссертатсия. Доир ба мавзӯи рисола 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳуриитоҷикистон интишор ёфтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Тадқиқоти мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ ва сарчашмаҳо иборат буда, фарогири 170 саҳифаи чопи компутерӣ аст.

МУҲТАВОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** роҷеъ ба мубрамӣ ва зарурати таҳқиқи масъалаи мазкур, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявию методологӣ ва ҳадафи таҳқиқот, объект, мавзӯъ ва масъалаҳои таҳқиқот, усулҳои дар пажӯҳиш истифодагардида, навгонии илмии пажӯҳиш, аҳамияти назариву амалии тадқиқот, нуктаҳои бе ҳимоя пешниҳодшудаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаб, интишори натиҷаҳои диссертатсия ва сохтори рисола маълумот дода шудааст.

Боби нахусти диссертатсия-“**Калимаҳои аслии тоҷикии «Таърихи Байҳақӣ» ва ҳифозати онҳо дар лаҳҷаҳои муосири шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ**” - фарогири ҳафт фаслу се зерфасл буда, дар онҳо унсурҳои луғавии дар таърихномаи Абулфазли Байҳақӣ мавҷуда бо ҳамин гуна калимаву таркиб ва ибораҳои дар лаҳҷаҳои зикрёфтаи тоҷикӣ маҳфузмонда қиёсу муқобала карда шудаанд ва ба ин восита дараҷаи ба асл наздик ё аз гунаи куҳан дур рафтани онҳо аз лиҳози шаклу маъно баррасӣ гардида, гурӯҳҳои мухталифи маъноиро ташкил додани онҳо: вожаҳои марбут ба номи ашё, аломату хислат, калимаҳои ифодакунандаи миқдор ва амалу ҳолат ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.

1.1.**Вожаҳои мансуб ба исм**. Дар қиёс бо дигар навъи унсурҳои луғавӣ ин гуна калимаҳо дар асар бештар буда, онҳо гурӯҳҳои мухталифи маъноиро дар бар мегиранд.

Дар ҷараёни таҳлили гурӯҳҳои маъноӣ нишон дода шудааст, ки агарчи иддае аз унсурҳои луғавии «умр»-и тӯлонӣ дошта аз доираи шакли меъёрии забон хориҷ шудаанд, вале дар забони зиндаи мардум қариб бе тағйирот ё бо дигаргунии гоҳ ҷузъӣ, гоҳ ҷиддӣ маҳфуз мондаанд.

Дар ҷараёни таҳлили мавод бо истифода аз усули муқоисавӣ-таърихии таҳқиқ сайри тӯлонии аксари калимаву таркиб ё ибораҳо бо мақсади воқеан решаи аслии тоҷикӣ доштанашон нишон дода шудааст.

Ҳангоми таҳлили чунин унсурҳои луғавӣ нахуст аз “Таърихи Байҳақӣ” шоҳид зикр гардида, баъдан гунаҳои дар лаҳҷаҳои тазаккурёфтаи тоҷикӣ маҳфузмондаи онҳо ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.

Ба ин тариқ, дар фасли мазкур унсурҳои луғавии мухталифмаънои зайл баррасӣ шудаанд:

калимаҳои марбут ба мафҳумҳои хешутаборӣ: *мардак* [ин *мардак* аз эшон буд ва аз замини Усрушана буд[20]; *мардак* / *маддак* (дар лаҳҷаҳои шимолӣ) ва *мардак / маак* / *марак* дар ифодаи чор маъно (дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ), *хусур* [ва аз он ҷо ба хонаи вазир омад *хусураш*... -с. 693]; *хъсър / хъсур* (дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ, Дарғи ноҳияи Айнӣ ва ҳардурии тоҷикони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, *шӯй* [...ӯ *шӯй* нокарда ва ин зан модархондаи канизаке буд...- с. 286]; *шӯ* / *шу* ва *шуй* (мутаносибан дар лаҳҷаҳои шимолӣ ва ҷанубӣ);

вожаҳои марбут ба макон, ҷой: *ҷойгоҳ* [...кор бад-ин ҷойгоҳ расид…-с. 53]; *ҷога* (дар лаҳҷаҳои шимолӣ) ва *ҷога* / *ҷогаҳ* (дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ), *буна* [Хоҷа ин ҷо бибошад бо *буна*... -с. 492]; *буна* (дар лаҳҷаҳои шимолӣ ба маънои «такя, пуштибон»), *бъна* (дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба маънои «хоҷагӣ, оила»), *остона* [...ва ба даргоҳ омаданду рӯй дар хоки *остона* молиданд...-с. 709]; *остона* (лаҳҷаҳои шимолӣ) ва *остуна* (лаҳҷаҳои ҷанубӣ).

номи узви инсон: *каш* «бағал, тиҳигоҳ" [...ва шамшер баркашиду дабус дар *каш* гирифту асб бигзошт...с.169]; *каш-2* (дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ);

номи предметҳо, **ашё**: *канду* «зарф, ованди гилӣ ё чӯбин» [Бисту анд ҳазор қафиз ҳама дар *кандуҳо* анбор карда шудааст...-с. 645]; *канду* «қуттии занбӯри асал» (дар лаҳҷаҳои шимолӣ), *къндук* «кандашуда; заминкан» (дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ);

номи хӯрданӣ ё мафҳумҳои ба он вобаста: *дурд* «таҳшини моеоти баъд аз ҷӯшиш, лойқаи таҳшингардидаи шароб, сирко» […Ҳасирӣ…аз боғ меомад *дурде* ошомида…-с. 213]; *дурда* «шири бурида», *тӯрта* ё *тӯртак* «боқимондаи қаймоқи сӯхта» (лаҳҷаҳои шимолӣ), *дурда*, *дърда*, *дърди'*, *дърдова* «такшини маскаи обкардашуда; чизи такшиншудаи равған; такшини ҳама гуна чиз» (лаҳҷаҳои ҷанубӣ), *хонча* «ғизо, хӯрданӣ» [ва *хончаҳо* овардан гирифтанд пеши амир…- с. 279]; *хомча*
«маводи хоми хӯрок» (лаҳҷаи Хуҷанд);

номи мафҳумҳои ба ҷангу пайкор алоқаманд: *чӯба* ба маънои "тир"[ва як *чӯбаи* тир сахт бар зонуяш расид…-с. 288]; *ҷӯва* (лаҳҷаи Конибодому Хуҷанд), *ҷува* (лаҳҷаи Исфара), *чубо* (лаҳҷаи Истаравшан) ба маънои «чӯби тунуксозандаи хамир» ва *чува*[2] / *чувак* (дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ) ба ҳамон маънои фавқ;

номи мафҳумҳои марбут ба зарба: *лат* "силӣ, латма" […Бӯнасри Исмоилро ба шаҳр бояд фиристод, то ба *лат* аз мардумон бистонанд...-с. 497]; *лат* (дар аксари лаҳҷаҳои тоҷикӣ), *ҷангу ҷидол* [...аз ин гурехтану тохтану *ҷангу ҷидол*у шӯриш бозраҳанд-с. 619]; *ҷангу ҷанҷол* "хархаша, кашмакаш" (дар ҳар ду гурӯҳи лаҳҷаҳо);
номи матоъ, либос, пӯшок: *изор* "шалвор" [вай…бараҳна бо *изор* биистод ва дастҳо дарҳам зада...- с. 239], *изорбанд* [вай…*изорбанд* устувор кард...-с. 239]; *изор* (лаҳҷаҳои шимолӣ), *изор* / *изҳор* / *езор* (лаҳҷаҳои ҷанубӣ);

номи мафҳумҳои ба ҳайвонот алоқаманд: *гӯспанд* [ҳамоно ҳамеандешӣ...,то *гӯспанд*онро фурӯхта ояд?-с. 439]; *гӯспанд* /*гуспанд* / *гъсфанд* / *гъспанд* (дар аксари лаҳҷаҳои тоҷикӣ), *ҷул* «полони ҳайвон» [...Хоҷаи бузург...астаре фиристод ба *ҷуллу* бурқаъ...-с. 349]; *ҷул* (ҳар ду гурӯҳи лаҳҷаҳо);

номи мафҳумҳои мухталиф: *рада* "даста ва саф" [ва дар он саройи бузург чандин *рада* биистоданд...- с. 555]; *раҷҷа* «хатти рости ниҳоли пахта ва амсоли он» ва *рад* «қатор, пайи ҳам», ҳамчун пешоянди номии изофӣ дар шакли *ради* «монанди, дар қатори, баробари, мисли» (лаҳҷаҳои ҷанубӣ), *радда* ҳамчун унсури луғавии фаъоли пешаи дӯзандагӣ (лаҳҷаи Самарқанд), *зиёдатӣ* "фаровонӣ, афзунӣ, бисёрӣ" [мо тозикон асбу уштури *зиёдатӣ* дорем...-с. 629], *зиёдатӣ* (дар ҳар ду гурӯҳи лаҳҷаҳои

[20] Байҳақӣ, Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ . Таҳиягари матн, муаллифи муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳо Сайфуллоҳи Муллоҷон. –Душанбе: Бухоро, 2014. –С.226. Ҳамаи мисол аз ҳамин нашр аст, аз ин рӯ, минбаъд танҳо саҳифаи мисолҳо зикр хоҳад шуд.

тоҷикӣ), *як нима* «нисф», «нисфе» [ва асиронро *як нима* ба Булҳасани Халаф супурд ва *як нима* ба Шервон...-с.165]; *як нима* “як ҳисса, як қисм” (лаҳҷаҳои ҷанубӣ).

1. 2.Вожаҳои мансуб ба сифат: *нав* “корнакарда, бетаҷриба [ва Хоҷа ҳанӯз дар ин корҳо *нав* аст...-с. 432]; *нав* “ҳоло, ҳозир, акнун” ва “корнокарда, камтаҷриба” (дар ҳар ду гурӯҳи лаҳҷаҳои тоҷикӣ), *сахт* “бисёр, ғоят, ниҳоят” [...ва ҳаво *сахт* гарм истод...-с.179], *сахт* / *сах* (дар ҳар ду гурӯҳи лаҳҷаҳои тоҷикӣ), *пок* “бакуллӣ, пурра, тамоман” [...ва ҳар чӣ доштанд, ҳама *пок* бистаданд-с. 139]; *пок* ба маънои фавқ (дар лаҳҷаҳои зикргардида), *норасида* “ноболиғ [...ду духтар буд амир Юсуфро: яке бузург шуда ва дигаре хурдтару *норасида* ва ин *норасида*ро ба номи амир Масъуд кард-с. 469]; *расидан* «болиғ шудан, ба балоғат (воя) расидан» (дар ҳар ду гурӯҳи лаҳҷаҳои тоҷикӣ).

1.3. Вожаҳои мансуб ба шумора. Маълум аст, ки дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ номуайяниву ягонагии ашё бо роҳи ба калимаҳои дигар ҳамроҳ намудани шумораи *як* ифода карда мешавад. Дар чунин вазифа истифода гардидани вожаи *як* ҳанӯз дар забони катибаҳои Ҳахоманишӣ ба мушоҳида расида, минбаъд низ идома ёфт.Чунончи, дар таърихномаи Байҳақӣ: *Як рӯз* халвате кард бо Балъамӣ...[с. 152]. *Як шаб* дар рӯзгори Муътасим ними шаб бедор шудам...[с. 223].

Дар ин фасли диссертатсия дар вазифаи муайянкунанда (дар қатори шакли меъёрӣ) қабл аз муайяншаванда омадани шумораҳо низ баррасӣ шудаанд, ки чунин қолаби ифода то ҳол дар ҳар ду гурӯҳи лаҳҷаҳои тоҷикӣ пойдоранд: Ва *дигар рӯз* (рӯзи дигар-А.У.)...афзун аз даҳ ҳазор зану мард ба наззора истода…[с. 69].*Савум рӯз* (рӯзи сеюм-А.У.) Аҳмади Арслон гуфт...[с. 50].

1.4. Вожаҳои мансуб ба ҷонишин ва бандакҷонишинҳо. Дар фасли мазкур сухан аз ҷараёни пайдоиш ва вазифаи вожаи *они* / *аз они*, ба гунаи *шумоён* ба кор рафтани ҷонишини шахси дуюми шумораи ҷамъ-*шумо*, инчунин дар шакли тахфиф мавриди истифода қарор гирифтани бандакҷонишинҳо рафтааст.

Таҳлили раванди истифодаи *они* / *аз они* дар матнҳои асрҳои миёна, аз ҷумла «Таърихи Байҳақӣ» нишон медиҳад, ки ин унсури луғавӣ дар ифодаи мансубият, мутаалликӣ хеле серистеъмол аст: Ва духтаре *аз они* Қадархон ба номи амир Муҳаммад ақди никоҳ карданд…[с. 252].

Имрӯз дар лаҳҷаҳои шимолӣ мансубиятро бо вожаҳои *ани* /*айни* ва дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ бо калимаи *ини* ифода мекунанд, ки он осори ҳамон *они* / *аз они*-и даврони асримиёнагӣ ҳисоб мешавад.

Ҷонишини шахсии шахси дуюми шумораи ҷамъ дар таърихномаи Байҳақӣ дар ду шакл: *шумо* ва *шумоён* истифода гардидааст. Ба назар чунин мерасад, ки Байҳақӣ ҳангоми зикри шахси дуюми шумораи танҳо варианти *шумо*ро истифода намудааст [*шумо* сахт ба таъҷил омадаед…-с. 95], вале ҳангоми ифодаи гурӯҳи мардум истифода намудани гунаи *шумоён*ро авло ҳисобидааст: *Шумоён*ро фармон набуд ҷанг кардан, чаро ҷанг кардед? [с. 288].

Сабаби пайдо гардидани шакли *шумоён* дар радифи *шумо* нисбат ба шахсҳои дуюми танҳо ва ҷамъ ба истифодаи *шумо* ҳам ба шахси танҳо, ҳам ҷамъ буда, ба ин восита ба баён роҳ ёфтани халал, возеҳу нишонрас ифода нагардидани фикр вобаста аст.

Бо ҳам муқоиса намудани шаклҳои ҷонишини мазкур дар «Таърихи Байҳақӣ» ва лаҳҷаҳои ишорагардида нишон медиҳад, ки баробари шаклҳои «дарозумр»-и он баъдан вариантҳои зиёди *шумо* ба вуҷуд омадаанд, ки гунаҳои *шумоён, шумоҳон, шумуҳон, шумоо, шумон, шимиён, шъмоҳо*…аз ҳамин қабиланд.

Як хусусияти забони «Таърихи Байҳақӣ» ҳамин аст, ки дар он дар қатори шакли маъмули бандакҷонишинҳо гунаҳои тахфифёфтаашон низ зиёд истифода гардидаанд: Ва вай…ҳаққи *бузургит*ро нигоҳ дорад [с. 10].

Имрӯз дар ҳамаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ, аз ҷумла шимоливу ҷанубӣ ба шакли тахфифёфта ба кор рафтани кулли чунин бандакҷонишинҳо маъмул аст.

1.5. **Вожаҳои мансуб ба феъл**. Унсурҳои луғавии мансуб ба феълҳои гуногунсохти «Таърихи Байҳақӣ» аз дигар гурӯҳи калимаҳо бо ҳамин хусусияти худ фарқ доранд, ки дар матни асар ба чандин маъно ба кор рафта, аз байни онҳо дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ яке аз чунин маъноҳо боқӣ мондаанд.

1.5.1.**Феълҳои содаву сохта**.Дар ин зерфасл нахуст ба маъноҳои мухталиф истифода шудани баъзе феълҳои содаи асар баррасӣ шуда, таъкид мегардад, ки онҳоро Байҳақӣ ба беш аз даҳ маъно ба кор бурдааст ва ҳоло дар лаҳҷаҳои номбурда чунин феълҳо танҳо ба иддае аз чунин маъноҳо маҳфуз мондаанд.

Дар ин зерфасл инчунин як қатор феълҳои сохтаи «Таърихи Байҳақӣ» ва пойдормонии онҳо ба иддае аз маъноҳояшон дар ҳар ду гурӯҳи лаҳҷаҳои тоҷикӣ ё бархе аз онҳо баррасӣ шудаанд.

1.5.2.**Феълҳои таркибӣ**.Таҳлили ин гурӯҳи унсурҳои луғавӣ низ дар таърихномаи Байҳақӣ ба чанд маъно мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар диссертатсия корбурди ҳар кадоми ин гуна феълҳо ба маъноҳои мухталиф аз ҷониби Байҳақӣ нишон дода шуда, ба чанде аз чунин маъноҳо маҳфузмонияшон дар лаҳҷаҳои номбурдаи тоҷикӣ баррасӣ гардидааст: *рост кардан* дар таърихномаи тазаккурёфта ба маъноҳои: 1.омода кардан [ва ду пайк *рост карданд*...-с. 238], 2.сохтан, бунёд кардан [...боз пулҳо *рост карданд*-с . 315], 3.фароҳам кардан [пеш аз рӯз кори ҳама *рост карданд*...-с. 342] истифода шудааст, вале имрӯз дар баъзе лаҳҷаҳои шимолӣ танҳо дар ифодаи маънои “омода кардан, тайёр намудан” меояд, аммо дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ дорои панҷ маъност: 1.дароз кардан; 2. ёзондан; 3. тармим кардан, дуруст намудан; 4. сохтан, бунёд (бино) намудан;
5. насб кардан; 6. паҳн кардан, густурдан.

Бо чунин низоми таҳлил дигар феълҳои таркибии номии “Таърихи Байҳақӣ”, мисли *рост омадан*, *пушт додан*, *яла кардан...*ва шакли маҳфузмондаашон дар лаҳҷаҳои ҳозираи тоҷикӣ баррасӣ гардидаанд.

Дар «Таърихи Байҳақӣ» як силсила феълҳои таркибии феълие ба назар мерасанд, ки дар вазифаи ҷузъи ёридиҳандаи онҳо феъли *гирифтан* истифода шуда, чунин афъол давомнокии амалро мефаҳмонанд. Ин гуна феълҳо бо ҳамин хусусияташон фарқ мекунанд, ки ба сифати ҷузъи асосии онҳо ду навъи феълҳо: сода ва сохта ба кор рафтаанд. Агар корбурди ин гуна унсурҳои луғавӣ бо ҳамдигар муқоиса карда шавад, маълум мегардад, ки шумори феълҳои таркибии феълии ҷузъи асосияшон вожаи сода назар ба навъи дуюм бештар аст: *гуфтан гирифтан* [суханҳои баланд *гуфтан гирифт* -с. 376], *омадан гирифтан* [...мардуми Мовароуннаҳр низ *омадан гирифтанд*-с. 337], *овардан гирифтан* [ва он чӣ аз Ғазнин хоста будем, *овардан гирифтанд*-с. 629].

Феълҳое, чун *хӯрдан гирифтан*, *дидан гирифтан*, *харидан гирифтан*, *хондан гирифтан*, *ҷустан гирифтан*, *додан гирифтан* ва ғайраҳо низ дар диссертатсия мавриди таҳлил қарор дода шуда, минбаъд бештар идомаёбии чунин феълҳо дар осори ниёгон, амсоли “Маснавии маънавӣ”-и Мавлонои Балхӣ собит карда шудааст.

Чунин феълҳо имрӯз дар гурӯҳе аз лаҳҷаҳои тоҷикӣ, аз ҷумла шимолӣ ба таври фаровон мавриди истифода қарор доранд.

1.5.3.**Тарзи хоссаи зикри феълҳо**.Дар таърихномаи Байҳақӣ истифодаи феълҳое ба мушоҳида мерасад, ки ба оғозашон ду унсури сарфӣ: пешвандҳои шаклсози *ме-* ва *би-* паси ҳамдигар ҳамроҳ гардидаанд ва ба туфайли онҳо қатъияти амал ба таври равшан ифода шудааст. Феълҳое, монанди *мебиёмадан* […худованд ба саодат *мебиёяд*…-с.73], *мебишудан* [ва падарон низ аз даст *мебишаванд*-с. 289], *мебирафтан* […агар *мебиравад*, боре лашкаре қавӣ ин ҷо мураттаб кунад-с. 526], *мебигзаштан* […аммо акнун худ аз ҳадд *мебигзарад*-с. 512] ва м. инҳо аз қабили ҳамин гуна унсурҳои луғавиянд, ки осори чунин усули корбурдашон ҳоло дар бархе лаҳҷаҳои шимолӣ дар феълҳои навъи *мебуравад* боқӣ мондаанд.

Дар «Таърихи Байҳақӣ» бо роҳи такрор шудани шакли тасрифии айни як феъли ёвар, яъне *будан* (яъне *буда буд*) замони гузаштаи дуре ба вуҷуд меояд, ки амали он бо амалҳои дигари дар гузашта бавуқӯъомада мутобиқат намекунад, ки онро аҳли таҳқиқ яке аз хусусиятҳои намоёни забони осори то даврони муғул ҳисоб кардаанд[21]:…Бӯтоҳир хешовандаш *буда буд* дар миёни кор…[с. 560]…ба ҳеҷ рӯзгор омадани подшоҳ ва лашкар ба Ғазнин бар ин ҷумла *набуда буд*…[с. 675].

Имрӯз дар бархе лаҳҷаҳои тоҷикӣ, аз ҷумла шимолӣ тарзи мазкури зикри феъл дар шакли ихтисорёфта, ки он бо роҳи ихтисори садоноки охири «буд»-и аввал ва ҳамсадои нахусти «буд»-и дувум ба амал омадааст (дар шакли *будуд*), боқӣ мондааст: Вахтойи кулак-кулак-анда бобо-ш Сибир-анда *будудас*.

1.6.Вожаҳои мансуб ба зарф. Дар таърихномаи Байҳақӣ баъзе калимаву ибораҳои мансуб ба зарф низ дучор меоянд, ки собиқаи хеле тӯлонии истифода дошта, онҳо то имрӯз хусусияти серистеъмолии худро дар забон аз даст надодаанд. Ибораҳои *намози дигар*, *намози шом* аз ҷумлаи ҳамин гуна зарфҳо буда, дар асари тазаккурёфта басо зиёд истифода шудаанд: Ва *намози дигар* ин қавм наздики амир Муҳаммад расиданд… Ва *намози шом* фармуд султон…[с. 95]. [ниг.инч. с. 88, 118, 263, 286, 309, 384, 442, 465, 493, 519…].

Имрӯз ҳар ду ибора дар аксари лаҳҷаҳои тоҷикӣ истифода мешавад.

Байҳақӣ дар чанд маврид дар ифодаи мафҳуми «аз он тараф, аз он ҷониб» ифодаи *аз он з-осӯтар* ва шакли ихтисоршудаи он *з-остар*ро мавриди истифода қарор додааст: Ва Бӯнаср бистаду *з-осӯтар* шуд ва биистод [с. 411]…ман *аз он з-осӯтар* надонам шуд…[с. 562]. Касро аз ин солорон заҳра набошад, ки аз ин мисоли ту *з-остар* шавад» [с. 515].

Имрӯз шакли *з-остар* дар лаҳҷаҳои шимолӣ дар шаклҳои *устар* ва *ӯстар*[22] ва дар баъзе забонҳои шарқиэронии дар қаламрави Тоҷикистон вуҷуддошта ба гунаи *vastar* ба кор меравад.

Дар диссертатсия бо низоми фавқ боз вожаву таркиб ва ибораҳои *порина* «соли қабл», *ба гармӣ* «бидуни таъхир, зуд», *ду ба ду* «дар танҳоӣ», *дар ин миён* «дар ин фосила» аз назари таҳлил гузаронида шудаанд.

Ҳоло тоҷикони шимоли Тоҷикистон *порина*ро дар шакли *порна*, *ба гарми*ро ба гунаи *гарми-ш-анда*, *дар ин миён*ро ба намуди *ин миён-анда* ва *ду ба ду*ро ба ҳамин шакли ишорашуда ба маъноҳои зикргардида истифода мекунанд.

1.7.Пешояндҳо, **қолабҳои пешояндиву пасояндӣ**. Дар диссертатсия таърихи пайдо шудани чунин унсурҳои ёвар таҳлил карда шуда, баъдан хусусиятҳои истифодаи онҳо дар таърихномаи Байҳақӣ баррасӣ гардидаанд. Ба қатори ин гуна аносири ёвари асар метавон пешоянди таркибии номии изофии *аз барои* […чунин суханҳо *аз барои* он орам, то хуфтагон…бедор шаванд…-с. 248]-ро мансуб донист, ки ҳоло ба гунаи *аб-баройи* (дар лаҳҷаҳои шимолӣ), дар намуди *барой* / *баройи* / *бари* (дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ) истифода мегардад.

Ин гуна унсурҳои ёвари забон аз лиҳози дараҷаи истифода баробар набуда, баъзеяшон серистеъмол ва бархе кам истифода шудаанд. Таҳлил ва муқоисаи онҳо нишон дод, ки аз байни чунин вожаҳо аз ҳама беш калимаи *думи* истеъмол шуда, аз тариқи васли он бо пешояндҳои аслии *ба*, *аз*, *дар* таркибҳои зиёди ёвар ба вуҷуд омадаанд ва ҳар кадоме дар ифодаи маънои мушаххас мавриди истифода қарор гирифтаанд: Охир, пиёдагон…пеш рафтанд…*ба думи эшон* [с. 494]. Рондан гирифт ва

---

[21] Ҳасанов А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ).–Хуҷанд: Нури маърифат, 2003.- С. 209.

[22] Ҳасанов А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ). –Хуҷанд: Нури маърифат, 2003.- С. 60.

саворон *ба дум* меомаданд…[с.600]…то карони об *аз думи* эшон бознагардем [с. 611]. Бактагини ҳоҷиб сохта бо мардуми тамом *думи* эшон гирифт [с. 476].

Имрӯз дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ вожаи *дум* / *думи* дар шаклҳои *дъми* / *дъмби* / *думби* истифода гардида, маънои «ақиби, паси, пушти, пайи, дунболи»-ро ифода менамояд: Ма *дъмби* ҳами кас-а ас ҳуй надодъм.

Вожаи мазкур дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба ҷуз гунаҳои зикргардида инчунин дар шакли *дъмби дар дъмб* низ ба ҳамон вазифаи зикрёфта ба кор меравад: Шаш бача-ш *дъмби дар дъмб* мехунан.

Калимаи мазкурро мардуми Бухоро низ дар ҳамин вазифа истифода менамоянд: Сироҷ *а думи* аке-ш мепарад.

Бо низоми фавқи таҳлил дар диссертатсия пешоянди номӣ / таркибии номии изофии *дасти / бар дасти* ба маънои «самти, тарафи, ҷониби» мавриди истифода қарор гирифтааст.

Дар ин фасли диссертатсия инчунин қолабҳои пешояндиву пасояндии дар таърихномаи мазкур мавҷуда баррасӣ шудаанд. Яке аз қолабҳои куҳани пешояндиву пасояндӣ *аз.. – ро* аст, ки Байҳақӣ бисёр истифода намудааст: *Аз баҳри таскини вақтро* амир Муҳаммадро ба Ғазнин хонда омад…[с. 63-64].Ва астарон фиристода буданд, *аз баҳри овардани хилъатро…* [с. 91-92]…ва банда ин на *аз баҳри худро* мегӯяд…[с. 102].

Идомаи қолаби мазкурро метавон имрӯз дар шакли дигаргуншудаи *а…-а* / *а…- йа* дар лаҳҷаҳои шимолӣ мушоҳида кард: *Аз – зиққи – йа* тарс мекафам. Мурдам *а* кофтан*а*.

Боби дуюми диссертатсия-«**Калимаҳои иқтибосии «Таърихи Байҳақӣ» ва ҳифозати онҳо дар лаҳҷаҳои муосири шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ**»-фарогири ду фаслу чаҳор зерфасл буда, ба иқтибос аз забонҳои дигари эронӣ (портӣ) ва ғайриэронӣ (арабӣ) бахшида шудааст. Дар чунин фаслу зерфаслҳо низоми таҳлили мавод чун боби нахуст сурат гирифта, калимаҳо аз рӯи мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.

2.1.Иқтибос аз забони портӣ. Як гурӯҳи нисбатан хурди калимаҳои аз даврони умумиэронӣ сарчашма гирифта ба баъзе забонҳои дигари ба тоҷикӣ ҳамреша ворид шуда, ба қонуну қоидаи он забонҳо мувофиқ гардидаанд ва бо қабул намудани нишонаҳои алоҳидаи овозии он забонҳо бо ҳамин шаклашон ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ роҳ ёфтаанд. *Заҳра* аз ҷумлаи ҳамин гуна вожаҳост, ки яке аз калимаҳои серистифодаи портишакли «Таърихи Байҳақӣ» ба маънои «ҷуръат» маҳсуб мегардад:…ва Султон аз ин огоҳ не ва касеро *заҳра* не, ки бознамояду сухане рост бигӯяд…[с. 497]…туркмонон *заҳра* намедоранд, ки ба ободониҳо дароянд… [с. 562]…касро *заҳра набудӣ*, ки сухан гуфтӣ…[с. 709].

Асли ҷузъи асосии унсури луғавии мазкур, яъне *заҳр jaδʳa*-и умумиэронӣ буда, дар он нишонаҳои овозии ду гурӯҳи забонҳои эронӣ: ҷанубӣ-ғарбӣ ва шимолӣ–ғарбии эронӣ (портӣ) мушоҳида мегардад[23].

Калимаи *заҳра* имрӯз дар шакли *зарра* дар баъзе лаҳҷаҳои шимолӣ, мисли Исфара (дар таркиби воҳиди фразеологии *зарраи касе даридан* ба маънои «сахт тарсидан»), дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба гунаи *зāра* **(**дар таркиби вожаи мураккаби *зāрадор* ба маънои «ҷасур, нотарс, бебок, далер, диловар» ва *заҳрак* ба маънои «ҳазлнокаш, шахсе, ки шӯхӣ ва ҳазлро намебардорад») истифода мешавад.

Тосидан аз ҷумлаи калимаҳои дигари маснуб ба забони портӣ аст, ки дар гузашта хусусияти сермаъноӣ дошта, ҳоло дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба баъзеи чунин маъноҳо ба кор меравад.

---

[23] Ҳасанов А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ).–Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – С. 25.

Муаллифи «Таърихи Байҳақӣ» дар чанд маврид калимаи *тосидан*ро ба маънои «нафас задани паёпаи инсону ҳайвон аз касрати гармо» истифода кардааст: Ва...рӯз сахт гарм шуд ва рег битафт ва лашкару сутурон аз ташнагӣ *битосиданд* [с. 518].

Дар лаҳҷаҳои шимолӣ *тосидан* танҳо дар ҳамин шакл, вале дар ифодаи ду маъно: 1) пӯсидани даруни мева, пӯла ва мулоим гаштани мағзи он; 2) андӯҳгин будан ба кор меравад, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ бошад, феъли номбурда дар шаклҳои *тосидан*, *тосийан* дорои се маъно: 1) сахт ташна шудан ; 2) мондани нафас дар гулӯ; 3) фасӯҳ додан аст.

Бино ба ишораи гӯишшинос Т. Мақсудов, ин калимаро мардуми Исфара дар таркиби ибораи рехтаи *дарун-аш тосидагӣ* ба маънои «бадрашк будан» истифода менамоянд[24].

Маълум мегардад, ки *тосидан*ро ба маънои «хароб шудану зоеъ гардидан» ғайр аз тоҷикони минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон имрӯз мардуми шимоли Афғонистон низ истифода менамудаанд[25].

Жакидан маънои «аз рӯи хашму қаҳру ғазаб зери лаб оҳиста сухан гуфтан»-ро дорад. Аз рӯи ҳамсадои оғозии феъли мазкур (яъне *ж*) пай бурдан душвор нест, ки вожаи номбурда ба забони тоҷикӣ аз яке забонҳои шимолӣ-ғарбии эронӣ (портӣ) иқтибос шудааст.

Дар «Таърихи Байҳақӣ» калимаи мазкур дар се шакл: *жакидан, чахидан* ва *ҷакидан* дучор меояд: Ва падариёнро нек аз он дард меомад ва *межакиданд*… [с. 107]…муҳол аст рӯбоҳонро бо шерон *чахидан* [с. 231]. Бӯсаҳли Завзанӣ бар хашми худ тоқат надошт…ва бар хештан *меҷакид* [с. 236].

Аз ҷумлаҳои боло аён аст, ки шаклҳои *жакидан* ва *ҷакидан* ба маънои «зери лаб аз қаҳр ғурғур кардан», вале гунаи *чахидан* дар ифодаи маънои «ситеза кардан» истифода шудааст.

Дар лаҳҷаҳои ҳозираи тоҷикӣ бар ивази вариантҳои қадими ин калима шаклҳои нав ба маънои дигар пайдо гардидаанд: дар лаҳҷаи Исфара ба гунаи *ҷаққидан* дар ифодаи маънои «бисёр гап задан, серманаҳӣ кардан», дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ, ҷанубӣ-шарқӣ гунаҳои *ҷақидан*, *ҷаққидан*,*ҷакидан*, *жағиян* дар ифодаи маъноҳои: 1) ав-ав кардан; 2) беҳудагӯӣ кардан, пургӯӣ кардан истифода мегардад[26,27].

Соҳибони лаҳҷаҳои ҷанубӣ воҳидҳои луғавии *ҷакиш* («ак-ак, аккос»), *ҷаккок*, *ҷақоқ* («сергап, лаққӣ, пургӯй»)-ро низ ба кор мебаранд, ки онҳо бо *жакидан* решаи умумӣ дошта[28], бо гирифтани пасвандҳои *–иш*, *-ок* ё *–оқ* исму сифат сохтаанд.

2. 2.Иқтибос аз забони арабӣ. Дар ҷараёни таҳлили чунин унсурҳои луғавӣ ғайр аз он ки таваҷҷуҳ ба дараҷаи дигаргунии шаклу маъноияшон равона гардидааст, инчунин бо мақсади муқаррар намудани мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ онҳо ба чанд зергурӯҳ ҷудо карда шудаанд.

---

[24] Мақсудов Т. Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара. -Душанбе: Ирфон, 1997. - С. 165-179.

[25] Роӣ Қ. Луғоти туркӣ, муғулӣ ва чинӣ дар «Таърихи Байҳақӣ» // Ёдномаи Абулфазли Байҳақӣ. Чопи дувум, –Машҳад, 1374. – С. 196.

[26] Қосимӣ М., Мирбобоев А., Маҳмудов М., Маҳадов М., Ҷӯраев Ғ..Фарҳанги масодири забонҳо ва гӯишҳои эронии Тоҷикистон. Ҷ. 1. –Душанбе: -1376. ҷ. 1. - С. 84, 150-157.

[27] Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б. Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. -Душанбе, 2012. -С. 872.

[28] Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б. Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. -Душанбе, 2012. -С. 872.

2.2.1.Вожаҳои мансуб ба исм. Чунин калимаҳо аз рӯи пойдормонии шаклу маънои куҳанашон ягона нестанд: баъзеяшон ҳам аз ҷиҳати шакл, ҳам аз рӯйи маъно бо ҳамон муодили қадимашон шабоҳати наздик доранд, қисми дигар бо вуҷуди нигоҳдории маънои куҳани худ аз ваҷҳи шакл ба дигаргунӣ дучор шудаанд, гурӯҳи сеюм сарфи назар аз монандияшон бо гунаи қадими худ таҳаввулоти ҷиддии маъноиро паси сар кардаанд.

Милк шакли дигари калимаи арабиасли *мулк* ба шумор рафта, муаллифи «Таърихи Байҳақӣ» онро танҳо дар як маврид ба кор бурдааст:…ҳеч чиз надорад…дар *милки* худ…[с. 399].

Агарчи дар лаҳҷаҳои шимоливу ҷанубии муосири тоҷикӣ ин шакли вожаи *мулк*, яъне *милк* ба кор меравад, вале онҳо аз ҳамдигар фарқ доранд. Ин тафовут дар ду ҷиҳати истифодаи он зоҳир мегардад: 1) дар лаҳҷаҳои шимолӣ унсури луғавии мазкур танҳо ба гунаи *милк* ва фақат ба маънои «чизу чора, дороӣ» истифода мешавад, аммо дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ вожаи мавриди таҳлил дар ду шакл: *мулк* / *мълк* истифода шуда, ду маъноро ифода менамояд: 1) мулк, мол, чиз; 2) ватан, зодгоҳ.

Баъзеи ин гуна унсурҳои луғавӣ имрӯз дар лаҳҷаҳои номбурдаи тоҷикӣ ба шакли дигар ба кор бурда мешаванд.Чунончи, дар таърихномаи Байҳақӣ калимаи *ҳоит* маънои “девор; девори боғ”-ро дорад:…амири разӣ вайро бинавохту маншур дод ба мавзеи хароҷи *ҳоите*, ки ӯ дошт [амири сомонӣ хароҷи боғро бахшид-А. У.
-с. 257].

Вожаи мазкур ҳоло дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ дар шакли *homa* / *ҳота* / *ҳоти'* боқӣ монда, тавассути ду шакли аввал мафҳуми “ҳаёт, ҳаёта, қитъаи обчакории назди ҳавлӣ, боғча” ва бо ёрии гунаи сеюм маънои “ҷойи васеъ, кушод; баландӣ” ифода карда мешавад. Он дар лаҳҷаҳои мазкур ба ҷуз дар алоҳидагӣ истифода шуданаш инчунин ҳамчун ҷузъи асосии баъзе унсурҳои луғавии шаклан сохта, монанди *ҳотазор* / *hотазор* ба маънои «дарахтзор, майдоне, ки дарахти зиёд дорад, чакалакзор» ва вожаҳои омехтасохт, амсоли *ҳотакорӣ* ба маънои «сабзавоткорӣ, обчакорӣ» низ гардиш дорад.

Дар лаҳҷаҳои мобайнии тоҷикӣ, мисли деҳаи Дарғи ноҳияи Айнӣ ин унсури луғавӣ дар шакли *ҳоят* ба кор бурда мешавад.

Аз байни лаҳҷаҳои шимолӣ ин вожа дар шакли *ҳойит, ҳойитча* ба маънои “қитъаи обчакории назди ҳавлӣ” аз забони мардуми ноҳияи Исфара бисёр шунида мешавад.

Бо чунин низоми таҳлил дар диссертатсия унсурҳои луғавии *мартаба*, к*аррат*, *ҷубба*, *ҷиҳоз* / *ҷаҳиз* / *ҷез*, *туруқ, маърака* баррасӣ гардидаанд.

2.2.2.Вожаҳои мансуб ба сифату зарф. Аксари ин гуна вожаҳо низ имрӯз дар лаҳҷаҳо маъноҳои наверо касб кардаанд: Байҳақӣ *сокин*ро ҳамеша дар шакли дараҷаи муқоисавии сифат, яъне *сокинтар* ба маънои “осудатар, таскинёфтатар” истифода кардааст: Ман лахте *сокинтар* гаштаму рафтам...[с. 137]...амир лахте *сокинтар* шуду даст ба нишоту шароб бурд...[с. 525].

Дар давраи имрӯза аз забони мардуми шимоли Тоҷикистон дар бисёр маврид метавон калимаи *секин*ро шунид. Ба назар чунин мерасад, ки *секин* шояд шакли имолаи *сокин*и асримиёнагӣ бошад.

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ агарчи ин воҳиди луғавӣ дар алоҳидагӣ истифода намешавад, вале дар таркиби калимаи мураккаби *чироғсокин* ба маънои “чароғмонак, чароғпоя” маҳфуз мондааст.

Баъзе калимаҳои дар «Таърихи Байҳақӣ» истифодагардида имрӯз қариб дар ҳама лаҳҷаҳои тоҷикӣ дучор омада, мақоми калимаи умумихалқиро гирифтаанд. Вожаи *ҳоле* ё *ҳолӣ* аз қабили ҳамин гуна калимаҳо ҳисоб меёбад: Ин тоифа...*ҳоле* пайғомҳо бар ин ҷумла доданд...[с. 618;ниг. инч. с.619, 621, 709].

Калимаи мазкур имрӯз дар лаҳҷаҳои шимолӣ танҳо ба гунаи *ҳолӣ* ва як маъно истифода мегардад, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ дар шаклҳои *ҳоле* / *ҳоли*ˈ/ *hоли*ˈ / *оли*ˈ /*оло* дар ифодаи ду маъно: 1. ҳоло, ҳозир; 2. баъдтар, дертар дар гардиш қарор дорад.

2.2.3. **Вожаҳои мансуб ба феъл**. Дар таърихномаи Байҳақӣ як қатор феълҳои таркибии номие истифода шудаанд, ки аз ду ҳисса: калимаҳои арабӣ (ҳиссаи номӣ) ва вожаҳои тоҷикӣ (феъли ёридиҳанда) ташаккул ёфта, бо маъноҳои хоссаи худ ҳам аз дигар осори асримиёнагӣ, ҳам забони имрӯзаи тоҷикӣ фарқ мекунанд. *Холӣ кардан* ба маънои "хилват кардан" [Маъмун *холӣ кард* бо вазираш Ҳасан ибни Саҳл...-с. 81;ниг. инч. с. 202, 216, 218, 541...] аз ҷумлаи ҳамин гуна таркибҳост, ки имрӯз тоҷикон онро ба маъноҳои: 1) аз вазифа сабукдӯш кардан; 2) зарф ё ягон чизи ба он монандро аз маводи дар дохилаш мавҷуда озод намудан ба кор мебаранд.

Хаба кардан аз феълҳои дигари таркибии номии аз вожаҳои арабиасл ва тоҷикӣ бунёдёфтаи таърихномаи Байҳақӣ аст, ки бо гузашти замон шакли ҷузъи номии он ба тағйирот дучор шудааст, яъне Байҳақӣ онро ба гунаи *хаба кардан* ба маънои "дамгир кардан, гулӯро фишурдан" мавриди истифода қарор додааст:
Пас...ҷаллодаш расан ба гулӯ афканда буду *хаба карда* [с. 240].

Имрӯз дар лаҳҷаҳои шимолӣ феъли зикргардида дар шакли *хафа кардан* [1] танҳо дар ифодаи маънои "ранҷондан" ба кор меравад, вале дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ он ба ҷуз ин маъно боз дорои маънои "гулӯро фишор дода нафасгир кардан" мебошад.

Маънои "фишурдан ва нафасгир намудан"-ро мардуми шимоли Тоҷикистон бо феъли *буғӣ кардан* ифода менамоянд.

2.2.4.**Вожаҳои мансуб ба пешояндҳо ва қолабҳои пешояндиву пасояндӣ**.Унсури луғавии *қариби*-ро Байҳақӣ ҳамчун муродифи пешоянди номии изофии *наздики* мавриди истифода қарор додааст: Ва ин бузург озодмардест...ва *қариби* сад ҳазор шеър аст ӯро…[с. 257].

Ҳоло дар лаҳҷаҳои алоҳидаи тоҷикӣ *қариби* ба сифати яке аз пешояндҳои фаъол гардиш дорад: *Қариби* шом буд, ки Аҳмадҷон ар-Рассия хона-ва даромда омад.

Муаллифи таърихномаи зикргардида пешоянди *бар асари*ро ҳамчун муродифи пешоянди таркибии номии изофии *дар думи* истеъмол намудааст: …пеши масофи ин подшоҳ мумкин нест, ки кас биистад ва...*бар асари* мо, ки ба ҳазимат бирафта будем, кас омадӣ...[с. 602; ниг. инч. с. 609, 660].

Як хусусияти асари номбурда дар он аст, ки Байҳақӣ чунин қолабҳои алоҳидаи пешояндиву пасояндиро мавриди истифода қарор додааст, ки байни пешоянд ва пасоянд калимаҳои арабӣ омадаанд: *Аз баҳри таскини вақтро* амир Муҳаммадро ба Ғазнин хонда омад...[с. 63-64; ниг. инч. с. 91-92, 102...]. Ва *аз он вақт боз*, ки ба ноком аз он ҷо бозгаштам ба зарурат, чӣ нолонӣ уфтоду боз бояст гашт [с. 562; ниг. инч. с. 511, 534...].

Ҳоло дар лаҳҷаҳои шимолии тоҷикӣ қолаби мазкур дар шакли тағйирёфтаи *аббаройи...шуда, а...боз* ба кор меравад: *Аб-баройи* ту *шуда* ман имрӯз ак-кор мондам. *А* калли азон *боз* авози гира мибиёд.

Боби сеюми диссертатсия-**"Ҳифозати воҳидҳои фразеологии "Таърихи Байҳақӣ" дар лаҳҷаҳои муосири шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ"**- фарогири ду фаслу ҳафт зерфасл буда, дар онҳо масоили зайл: ҳифзи воҳидҳои фразеологии «Таърихи Байҳақӣ» дар лаҳҷаҳои зикрёфта, воҳидҳои фразеологии номӣ (таркибҳои номии фразеологӣ, ҳифзи ибораҳои номии фразеологии таърихномаи тазаккурёфта), нақши калимаҳои соматикӣ ҳамчун вожаҳои меҳварӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологии феълӣ, воҳидҳои фразеологӣ бо вожаҳои мухталиф баррасӣ шудаанд.

Байҳақӣ дар таърихномаи худ аз унсурҳои халқӣ-гуфтугӯии хоси гуфтори мардуми Мовароуннаҳру Хуросон фаровон ва мавридшиносона истифода намудааст,

ки баъзеи онҳо аз ҳеҷ кадом фарҳангномаҳои бароямон дастрас пайдо карда нашуданд.

3.1.Ҳифзи воҳидҳои фразеологии номии «Таърихи Байҳақӣ» дар лаҳҷаҳои муосири шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ.Таҳлил ва муқоисаи воҳидҳои фразеологии таърихномаи Байҳақӣ бо мувозиҳои дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ мавҷудаашон нишон медиҳад, ки чунин ибораҳои рехтаву устувори забон бо ҳаёт, зисту зиндагонӣ, муҳити реалӣ ва рӯҳияи халқе, ки онҳоро офаридааст, робитаи зич дорад.

3.1.1. Воҳидҳои фразеологии номӣ. Хусусияти барҷастаи ин гуна захираҳои луғавии забон ҳамин аст, ки таркиби онҳоро калимаҳои аслии тоҷикӣ ташкил дода, бештар воҳидҳои луғавии соматикӣ ҳамчун вожаҳои меҳварии таркиби онҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ин навъи воҳидҳои фразеологӣ аз лиҳози сохтор, дар навбати худ, ба ду навъ: таркибҳо ва ибораҳо ҷудо мешаванд.

3.1.1.1. Таркибҳои фразеологии номӣ. Дар ҷараёни таҳлили чунин унсурҳои луғавии таърихномаи Байҳақӣ бо мақсади то кадом андоза доманадор будани доираи истифодаашон онҳо бо забони осори дигар аҳли адаби асримиёнагӣ, забони адабии муосири тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои ҳозираи шимоливу ҷанубӣ муқоиса карда шуданд. Чунончи, Байҳақӣ таркиби *кору бор*ро ба ҳамон маънои дар давраи ҳозира маъмул ба кор бурдааст: Бӯсаҳли Завзанӣ буд дар он миёна ва *кору бор* ҳама ӯ дошт…[с. 197].

Вале дигар адибони асримиёнагӣ таркиби мазкурро ба маъноҳои ғайр истифода кардаанд. Аз ҷумла, Мавлоно Балхӣ онро ба маънои маҷозии «кори беҳуда» мавриди истифода қарор додааст[29].

Дар лаҳҷаҳои ҷанубии Тоҷикистон таркиби мазкур дар шакли *коръ бор*, дар лаҳҷаҳои дигар ба ҳамон шакли дар забони адабӣ гардишдошта ва ба маънои ишорагардида истифода мешавад.

Бо чунин усули таҳлил дар диссертатсия таркибҳои рехтаи *сару кор*, *дилу заҳра* ва м.инҳо таҳлил гардидаанд.

3.1.1.2.Ибораҳои фразеологии номӣ. «Таърихи Байҳақӣ», воқеан, дар қатори осоре қарор дорад, ки муаллиф далелҳои таърихиро дар натиҷаи омезиш додани онҳо бо бадеиёт баён кардааст. Яке аз чунин усулҳои ба эҳсоси хонанда таъсиррасонанда истифодаи фаровони воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Масалан, муаллифи асар дар як маврид маънои «аз самими дил»-ро бо ибораи *аз дили рост* ифода кардааст:…дуои подшоҳонро, ки *аз дили рост*у эътиқоди дуруст равад, ҳеч ҳиҷоб нест [с. 616].

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои зикргардида ибораи мазкур ба гунаҳои *аз дили ростӣ*, *ай дили рост*, *дили рост катӣ* дар ифодаи маъноҳои: 1. аз самими дил; 2. ҳаққонӣ, бетарафона дар истифода қарор дорад.

Чунин низоми таҳлил дар мавриди ибораҳое, мисли *дарди сар* «ташвиш, саргардонӣ», *ба хости худ* «бо майлу хоҳиши худ», *дар ин миён* / *миёна* "дар ин ҳангом" ва м.инҳо сурат гирифтааст.

3. 2.Ҳифзи ибораҳои фразеологии феълии «Таърихи Байҳақӣ» дар лаҳҷаҳои муосири шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ. Аз забони арабӣ ба тоҷикӣ шумори зиёди унсурҳои луғавӣ ворид шудаанд, вале вақте ки ҷузъҳои таркибии воҳидҳои фразеологии таърихномаи Байҳақӣ ва муодилҳои имрӯзаи дар лаҳҷаҳои ишораёфтаи тоҷикӣ боқимондаашон аз назари таҳлил гузаронида мешавад, бармеояд, ки дар таркиби чунин ибораҳои устувор миқдори иқтибосҳои арабӣ хеле кам ҳастанд.

3.2. 1.Нақши калимаҳои соматикӣ ҳамчун вожаҳои меҳварӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологии феълӣ. Гурӯҳи калони чунин воҳидҳои фразеологӣ аз рӯи хусусиятҳои семантикӣ ва вазифаҳои услубӣ бо забони имрӯза мувофиқат карда, тафовуташон танҳо дар сохти грамматикӣ аст. Қисме аз воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои мавриди

---

[29] Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ. Фарҳанги вожаҳо ва ифодаҳои мардумӣ дар осори Мавлавӣ.– Душанбе: Адиб, 2017.- С. 103.

таҳлил дорои маъноҳои нав шудаанд. Ҷузъи феълии ин гуна воҳидҳои рехтаи асари мазкур ва муодилҳои лаҳҷавии онҳоро калимаҳои *афтодан*, *рехтан*, *кашидан*, *гуфтан*, *додан*, *расидан*, *бурдан*, *буридан*, *задан*, *рафтан*, *кардан* ва даҳҳои дигар ташкил медиҳанд.

3.2.1.1.Вожаҳои меҳварии марбут ба узвҳои дохилӣ. Таҳлили ҷузъи номии чунин воҳидҳои рехта нишон медиҳад, ки дар ин вазифа унсурҳои луғавии марбут ба узви инсон ё мавҷудоти дигари зинда ҳамчун калимаҳои меҳварӣ нақши муҳимеро иҷро кардаанд.

Ин навъи воҳидҳои фразеологии «Таърихи Байҳақӣ» монанди хелҳои дигари он аз ҷиҳати дараҷаи истифода дар як поя қарор надошта, баъзеяшон фаровон ва бархе кам ба кор рафтаанд. Масалан, Байҳақӣ ибораи *касеро дилгарм кардан* ё мувозии дигари он-*дили касеро гарм кардан* / *гардонидан*ро дар чанд маврид ба маънои «дар касе ҳисси меҳру муҳаббати чизеро ба вуҷуд овардан» истифода намудааст: Мо…Алиро ва ҳама…лашкарро *дилгарм кардем*…[с. 127;ниг.инч. с. 319, 585, 649, 691…].

Аз байни чанд шакли ибораи мавриди таҳлил муаллифи таърихнома беш аз ҳама мувозии *касеро дилгарм кардан*ро мавриди истифода қарор додааст, вале шаклҳои *дили касеро гарм кардан* ё *дили касеро гарм гардонидан*ро басо кам ба кор бурдааст.

Имрӯз дар лаҳҷаҳои ҷанубии тоҷикӣ ибораи мазкур дар шаклҳои *дилгарми' /дългарми' кардан* ба маънои «ба касе муносибати самимона кардан, дӯстӣ пайдо кардан» ва дар лаҳҷаҳои шимолӣ ба ҳамин маъно ба гунаи *касеро дилгарм каран / кадан* дар гардиш қарор дорад.

Баръакси ибораи боло истифодаи ифодаи рехтаи *дил нохоҳон будан* «ба касе, чизе майлу рағбат надоштан» дар асар бисёр кам ба кор рафтааст [с. 278].

Доираи маъноии бархе аз ибораҳои рехтаи дар «Таърихи Байҳақӣ» мавҷуда, ки дар асар танҳо ба як маънои мушаххас ба кор рафтаанд, дар забони адабии имрӯза ва лаҳҷаҳои шимолӣ назар ба лаҳҷаҳои ҷанубӣ вусъат ёфтааст. Чунончи, ибораи *дандон тез кардан*ро Байҳақӣ ба маънои «хусумат варзидан, кина хостан» истифода намудааст: Ва ин ду озодамард ҳамеша бо Бӯсаҳл механдидандӣ, ки *дандон тез карда буданд*…[с. 663].

Имрӯз ибораи мазкур дар забони адабии тоҷикӣ ба ҷуз маънои ишорагардида боз ба маънои «тамаъ доштан» низ ба кор меравад, дар лаҳҷаи Хуҷанд ба гунаи *дандон тез када гаштан* дорои ду маъно аст: 1) ба чизе ё амале дам поида гаштан; 2) интизори зиёфат хӯрдан будан.

Дар як қатор лаҳҷаҳои шимолӣ, аз ҷумла гуфтори тоҷикони Бухоро ин ибора ба гунаи *дандон тез каран* ба маънои «ғазаб кардан, хашм гирифтан (барои ниқоргирӣ)» дучор меояд: Амир ҷадидо-ба *дандон тез мекард*.

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ таъбири *ба касе дандун тез кадан* маънои «ба касе кинаю адоват доштан»-ро дорад.

Бо чунин усули таҳлил дар диссертатсия ибораҳои *дили касеро аз каси дигар гардонидан*, *дил ба касе / чизе бисӯхтан*, *як рӯз дили хуш надидан*, *касеро дил бишикастан / дили касеро бишикастан*, *касе / чизе ба ҷон расидан*, *ба касе (хуни касе) ташна будан*, *бар заҳра бирафтан* («бо дили қавӣ рафтан»), *заҳраи касе битарқидан* («мурдан»), *забон нигоҳ доштан*, *ба касе дандон намудан* баррасӣ шудаанд.

3.2.1.2.Вожаҳои меҳварии марбут ба узвҳои берунӣ. Таҳлили ду гурӯҳи воҳидҳои фразеологии асар ва муқоисаи онҳо бо муодилҳои лаҳҷавияшон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар таркиби чунин унсурҳои луғавӣ дар қиёс бо вожаҳои соматикии марбут ба узвҳои дохилӣ ҳамин гуна калимаҳои ба узвҳои берунӣ алоқаманд бештар ширкат доранд. Масалан, дар таърихномаи Байҳақӣ маънои «ниҳоят ба ҳарос афтодан» бо ибораи *ларза ба андоми касе афтодан / уфтодан* ифода шудааст: Ва чун Афшин ин сухан бишнид, *ларза бар андоми ӯ уфтод*…[с. 227].

Ҳоло ин ибораро мардуми тоҷик бо иваз намудани *бар* ба пешоянди *ба* (дар лаҳҷаҳои шимолӣ) ё *да* < *дар* (дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ) дар шаклҳои *дил-ба ларза даромдан* ё *ларза да дил афтодан* ба кор мебаранд. Ибораи *ларза да дил афтодан* ба ду маъно:1) ниҳоят тарсидан, сахт ҳаросидан; 2) ба қаҳру ғазаб омадан, оташин шудан ба кор бурда мешавад.

Дар таърихномаи Байҳақӣ дар ду мувозӣ ба кор рафтани бархе аз чунин ибораҳо низ ба мушоҳида мерасанд. Чунончи, *аз даст рафтан* боз дар шакли *аз даст шудан* ба маънои «аз чизе маҳрум гардидан» ба кор рафтааст:…Хуросон…*аз дасти вай биравад* ва Хоразму Раю Ҷибол ҳамчунин…[с. 701]…ва Раю Ҷиболу Хоразм *аз дасти вай бишавад* [с. 701].

Сабаби бо *шудан* истифода гардидани ибораи мазкур ба он вобаста аст, ки феъли номбурда дар қатори дигар афъоли тоҷикӣ замоне ҳаммаънои феъли *рафтан* буд[30].

Дар забони адабии муосири тоҷикӣ аз байни ду шакли ин ибора танҳо гунаи *аз даст рафтан* дар ифодаи ду маъно, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба гунаи *ай даст рафтан* ва дар лаҳҷаҳои шимолӣ дар намуди *ад-дас рафтан* истифода мешавад.

Бо чунин низоми таҳлил дар диссертатсия ибораҳои рехтаи *аз чизе даст кашидан, дасту пой аз кор бишудан, ба дасту пой бимурдан, даст аз ҷон шустан, аз гардан афкандан*, *ба гардан гирифтан, ба гардани касе кардан, рӯй набудан*, *аз касе рӯй гардонидан, сар ба девор омадан, сару кор доштан*, *тан додан / дардодан* ва м.инҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

3.2.2.Воҳидҳои фразеологӣ бо вожаҳои мухталиф. Дар «Таърихи Байҳақӣ» ибораҳои рехтаи феълие мавриди истифода қарор доранд, ки ҷузъҳои онҳоро вожаҳои мухталиф ташкил медиҳанд. Ба қатори ин гуна унсурҳои луғавӣ ибораҳое, монанди *аз роҳ бибурдан*, *бо касе рост омадан*, *бардошт кардан*, *рӯзро бисӯхтан* ва даҳҳои дигар мансубанд, ки то ҳол дар байни мардуми тоҷик дар гардиш қарор доранд. Чунончи, таъбири *хишт аз ҷойи хеш бирафтан* дар асари мазкур маънои «гузаштани фурсати иҷрои амал»-ро дорад:…амир бадгумонтар гашт…ва донист, ки *хишт аз ҷойи хеш бирафт* [с. 289].

Дар баъзе лаҳҷаҳои шимолӣ ибораи фавқ ба гунаи *хишт а қолип кӯчидан* ва бархе лаҳҷаҳои ҷанубӣ дар шакли *хъшт ай қолаб хестан* ба маънои «тамоман вайрон шудани муносибат, ба ҷудоӣ расидани кор», «аз касе ранҷидан» то ҳол зинда аст.

Гумон меравад, ки иддае аз чунин ибораҳои рехта танҳо хоси забони «Таърихи Байҳақӣ» аст. Исботи чунин гуфтаҳо ҳамин буда метавонад, ки дар бархе луғатномаҳои мукаммали имрӯза пас аз шарҳи ин ё он ибора мисоли шоҳид фақат аз ин асари Байҳақӣ оварда шудааст. Масалан, дар як маврид аз тарафи Байҳақӣ ибораи рехтаи *рӯзро сӯхтан* ба кор бурда шудааст, ки маънояш «вақтро гузаронидан, вақтро талаф намудан» аст. А. Деҳхудо пас аз шарҳи ин ибора ба сифати шоҳид танҳо ҷумлаи зерини Байҳақиро зикр намудааст: Нӯштагин берун омад ва дар додани асбу сим… *рӯзро мебисӯхт*…[с. 169].

Ибораи фавқ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба шакли зикргардида ба назар намерасад, вале дар забони мардум мувозиҳои дигари он дучор мегардад. Чунончи, дар лаҳҷаҳои шимолӣ ибораи *рӯз-а сийоҳ каран / кадан* ба ду маъно дучор меояд: 1.азоб додан, сахт

[30] Ҳасанов А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ).–Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – С. 104.

ранҷондан; 2. илоҷе карда рӯзро гузаронидан[31], дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ маънои «рӯзро беҳуда гузаронидан» бо ёрии ибораи *руз кур кардан* ифода карда мешавад[32, 33].

Дар диссертатсия бо чунин гунаи таҳлил хусусиятҳои корбурди ибораҳое, чун *суханро буридан*, *аз кор мондан, ба касе рост омадан*, *чизеро рост кардан*,*ба касе нон додан*, *дам задан / назадан*, *лат хӯрдан, кор якрӯя шудан*, *кори касеро тамом кардан / касеро тамом кардан*, *хештанро кашидан* ва м. инҳо таҳқиқ шудаанд.

ХУЛОСА I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Гуфтори мардуми минтақаҳои мухталифи тоҷикнишин, воқеан, хазинаи беназири маҳфуздорандаи луғоти куҳан ба шумор мераванд, зеро дар онҳо садҳо вожа ва ифодаҳои рехта мавҷуданд, ки бо ҳамон шакли қадим ё бо дигаргунии ҷузъии шаклӣ ҳамчун унсурҳои фаъоли забон гардиш мекунанд.

Калимаву ифодаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосии арабии дар «Таърихи Байҳақӣ» истифодашуда аз нигоҳи доираи ба кор рафтанашон як хел нестанд: баъзеяшон танҳо дар як лаҳҷаи муосири тоҷикӣ, қисми дигарашон дар аксари онҳо ва ҳиссаи сеюмашон дар лафзи ҳамаи тоҷикони кишвар ё тоҷикони бурунмарзӣ дучор меоянд. Баъзе калимаҳои сермаънои таърихномаи Байҳақӣ ҳоло танҳо ба як маъно ва, баръакс, бархе вожаҳои якмаънои асари мазкур дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ дар чанд маъно истифода мешаванд.

Баъзе калимаҳои имрӯз дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба чанд маъно маҳфузмонда ҳанӯз дар матнҳои русии асрҳои XI-XVII ба ҳамон маънои маъмули дар забони тоҷикӣ доштаашон дучор меоянд.

II. **Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1.Унсурҳои луғавии аз ҷониби муаллифи таърихномаи Байҳақӣ истифодашуда ба истиснои қисме аз унсурҳои иқтибосии арабӣ ба ҳар тоҷики имрӯза фаҳмост. Як ҳиссаи калону муҳими чунин калимаву таркиб ё ибороту ифодаҳо дар лаҳҷаҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ ҳамчун унсурҳои зарури луғавӣ кор фармуда мешаванд [6-М].

2.Кӯшиши бештари Абулфазли Байҳақӣ бар он будааст, ки дар қатори унсурҳои луғавии меъёрӣ боз калимаву ибораҳоеро низ истифода намояд, ки дар забони халқ гардиш дошта, ҳамчун дурдонаҳои забон хидмат мекунанд. Муаллифи ин таърихнома дурӣ ҷустанро аз истифодаи забони зиндаи халқ барои худ як навъ камназариву нописандӣ ҳисоб кардааст. Ҳиссае аз калимаҳои лаҳҷавии истифодакардаи Байҳақӣ дар осори дигар аҳли адаби гузашта дучор меоянд, баъзеи дигар танҳо хоси забони таърихномаи зикршуда мебошанд [6-М].

3.Дар таркиби луғавии таърихномаи Байҳақӣ дар қатори вожаҳои аслии тоҷикӣ боз калимаву таркиб, ҳатто ибороте ба назар мерасанд, ки ба забонҳои дигари хеш, мисли портӣ ё ғайрихеш, монанди арабӣ мансуб мебошанд. Иқтибосҳои забонҳои дигари эронии дар таърихномаи мазкур мавҷударо метавон аз рӯи нишонаҳои махсуси овозияшон фарқ кард. Қариб куллии чунин унсурҳои луғавӣ то имрӯз дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ҳамчун калимаву таркиб ё ифодаҳои фаъол дар гардиш қарор доранд. Бархе аз ин гуна калимаҳо дар “Таърихи Байҳақӣ” на танҳо ҳамчун унсури луғавии

---

[31] Зоҳидов А. Фарҳанги воҳидҳои фразеологии лаҳҷаи Хуҷанд. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2013. – С. 239.

[32] Гадоев Н. Хусусиятҳои луғавию семантикии воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (минтақаи Кӯлоб): дисс. ...докт. илмҳои филол. -Душанбе, 2019. – С.126.

[33] Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б. Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. -Душанбе, 2012. – С. 584.

серистеъмол дучор меоянд, балки онҳо дар сохтани калимаҳои нави сохтаву мураккаб низ нақши муҳим доранд.

4.Дар асар калимаҳои арабиасл дар қиёс бо иқтибосҳои забонҳои дигар аз ҷиҳати миқдор бартарӣ дошта, гувоҳи робитаи қадим ва зичи тоҷикон бо арабҳо мебошад.

5.Аз байни ду навъи унсурҳои луғавии арабиасли дар таърихномаи Байҳақӣ мавҷуда: кӯҳнашуда ва маъмул имрӯз дар лаҳҷаҳо онҳое маҳфуз мондаанд, ки дар рӯзгори муаллифи таърихнома низ ҳамчун воҳиди луғавии серистеъмол гардиш доштанд. Як ҳиссаи чунин вожаҳо ҳоло ҳамчун фонди асосии луғавӣ дар калимасозӣ низ иштироки фаъол доранд. Ин гуна калимаҳо аз ҷиҳати мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ ягона набуда, қисми бештарашон ба исм ва ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ тааллуқ доранд.

6.Ҳама унсурҳои луғавии ба лафзи шифоҳӣ алоқаманди асар аз рӯи хусусияташон ягона набуда, баъзеяшон инъикоскунандаи номи ашё, ҳиссаи дигарашон баёнкунандаи аломату хислат, ҳиссаи сеюмашон ифодакунандаи миқдори ашё, гурӯҳи чорумашон нишондиҳандаи амалу ҳолат ва м. инҳо мебошанд. Чунин вожаҳо ҳоло дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ гоҳ дар як мувозӣ ва гоҳи дигар дар чанд вариант ба кор рафтаанд. Гунанокии бархе аз ин гуна унсурҳои луғавӣ гоҳ дар лаҳҷаҳои шимолӣ, гоҳ дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва гоҳи дигар дар ҳар ду гурӯҳи лаҳҷаҳо ба назар мерасад. Дигар ин ки баъзе калимаҳо дар ҳар ду давра: ҳам дар гузашта, ҳам имрӯз дар чанд вариант дучор меоянд [3-М].

7.Дар шакли ҷамъ бакорравиии баъзе вожаҳои мансуб ба ҷонишин (мисли шумоён) танҳо хоси лаҳҷаҳои имрӯза набуда, сарчашмаи он ба даврони асримиёнагӣ (шояд барвақттар низ бошад) мерасад 1-М].

8.Дар асари мазкур на танҳо вожаҳои мустақилмаъно, балки калимаҳои ёвар ва унсурҳои грамматикӣ низ ба гунаи шифоҳӣ ба кор рафтаанд, ки осорашон имрӯз дар аксари лаҳҷаҳои тоҷикӣ пойдор мондаанд.

9.Феълҳои дар “Таърихи Байҳақӣ” истифодашуда ва дар лаҳҷаҳои ҳозира боқимонда аз нигоҳи сохтор мухталиф буда, аз байни онҳо дар лаҳҷаҳои муосир аз ҳама бештар гунаи таркибияшон маҳфуз мондаанд [1-М].

Феълҳои содаву сохтаву таркибӣ дар таърихномаи зикргардида басо сермаъно буда, аз байни ин гуна маъноҳо ҳоло дар бархе лаҳҷаҳои тоҷикӣ яке аз онҳо (лаҳҷаҳои шимолӣ), дар дигаре чанд маъно (лаҳҷаҳои ҷанубӣ) боқӣ мондаанд.

Феълҳои таркибии феълии дар “Таърихи Байҳақӣ” мустаъмал гувоҳи он аст, ки онҳо дар заминаи забонҳои туркӣ пайдо нагардида, асоси тоҷикӣ доранд. Кулли чунин таркибҳо бо ёрии феъли *гирифтан* сохта шудаанд. Маълум мегардад, ки имконияти васлгардии *гирифтан* бо феълҳои зиёди дигар ва зуҳури феълҳои таркибии феълӣ тавассути он фарох будааст ва ба сифати ҷузъи асосии онҳо феълҳои сода ва сохта ба кор рафтаанд. Муқоисаи ин гуна унсурҳои луғавӣ бо ҳамдигар нишон медиҳад, ки шумори феълҳои таркибии феълии ҷузъи асосияшонро вожаи сода ташкилдиҳанда назар ба навъи дуюм бештар аст.

Бархе аз таркибу иборoти дар асари номбурда дучороянда имрӯз дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар шакли тахфифёфта дучор меоянд, ки аз нигоҳи мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ зарфанд.

10.Муқоисаи забони “Таърихи Байҳақӣ” бо маводи лаҳҷаҳои имрӯзаи шимоливу ҷанубӣ нишон медиҳад, ки баъзе пешояндҳо ё қолабҳои пешояндиву пасояндӣ низ собиқаи тӯлонии истифода дошта, гоҳ дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва гоҳ шимолӣ дар шакли ба асл наздикашон ба кор рафтаанд. Истифода шудани пешоянди *аз (ба, дар) думи*; *аз...-ро*, *аз...боз* ва м. инҳо аз ҷумлаи чунин пешояндҳо ё қолабҳои пешояндиву пасояндӣ маҳсуб гардида, яке аз вижагиҳои намоёни забони таърихномаи Байҳақӣ ва лаҳҷаҳои кунунии ҷанубӣ ба шумор меравад [5-М].

11.Истифодаи фаровони воҳидҳои фразеологӣ яке аз хусусиятҳои намоёни таърихномаи Байҳақӣ ба шумор меояд. Дар қатори садҳо таъбироти асар, ки онҳо мафҳумро бо истифодаи унсурҳои дарбаргирандаи эҳсосоту баҳодиҳӣ ва обуранги бадеӣ ифода менамоянд, муаллиф як гурӯҳ ифодаҳои рехтаеро мавриди истифода қарор додааст, ки ҳоло ҳам дар забони адабии тоҷикӣ, ҳам лаҳҷаҳои он ё танҳо дар лафзи мардум бо шаклу маъноҳои муайян истифода мегарданд [7-М].

Чунин воҳидҳои рехтаи “Таърихи Байҳақӣ” аз ҷиҳати хусусияти худ ба таъбироти номиву феълӣ ҷудо гардида, навъи дуюм назар ба хели аввал бештар мебошанд.

12.Муқоисаи корбурди ин гуна ибораҳои асари номбурда бо муодилҳои дар лаҳҷаҳои имрӯза пойдормондаашон нишон медиҳад, ки онҳо гоҳ дар таърихномаи Байҳақӣ, гоҳ дар лаҳҷаҳои ҳозира хусусияти сермаъноӣ зоҳир намудаанд: аз байни маъноҳои баъзе таъбироти асар имрӯз дар лафзи мардум танҳо яке аз онҳо боқӣ мондааст ё иддае аз воҳидҳои рехтаи якмаънои “Таърихи Байҳақӣ” дар давраи ҳозира хусусияти сермаъноӣ зоҳир кардаанд.

13.Дар ташаккули як силсила ибораҳои рехтаи асари мавриди таҳлил калимаҳои соматикӣ нақши калон дошта, чунин таъбирот то ҳол ба ҳамон маънои куҳанашон, вале бо дигаргунии ҷузъии шакл дар гардиш қарор доранд. Аз истифодаи фаровони баъзеи чунин ибораҳо дар таърихномаи зикргардида метавон хулоса намуд, ки онҳо дар замони зиндагии нависанда низ гардиши фаъол доштаанд.

Таҳлилу муқоиса нишон медиҳад, ки дар асари мазкур дар ташаккули воҳидҳои фразеологии рехтаи феълӣ назар ба вожаҳои соматикии марбут ба узвҳои дохилӣ ҳамин гуна калимаҳои ба узвҳои берунӣ алоқаманд нақши бештар доранд.

14.То андозае аз мувозии қадим дур рафтани чунин таъбирот бо роҳи иваз гардидани баъзе ҷузъҳои онҳо, ба шакли муқаррарияшон илова шудани калимаҳои нав ё ба ҷои вожаҳои дар давраи имрӯза матрукгардидаи дохилашон мавриди истифода қарор гирифтани калимаҳои дигар ба вуҷуд омадааст.

15.Чанде аз ибораҳои рехтаи феълии асар дар ду ё зиёда мувозӣ ба кор рафтаанд, аммо баъдан (аз ҷумла имрӯз) аз байни онҳо дар лаҳҷаҳои шимоливу ҷанубӣ яке аз чунин вариантҳо маҳфуз мондаанд. Ин ҳолат акси худро низ дорад, яъне бархе аз чунин таъбирот дар асар фақат бо як шакли мушаххас, вале дар лаҳҷаҳои фавқуззикр дар ду гуна ё зиёда аз он ба кор мераванд [8-М].

Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва таълифоти чопшудаи муаллиф дар маҷаллаҳо:

а) маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М] Азимова У.А. Робитаи чанд вожаи марбут ба ҷонишини «Таърихи Байҳақӣ» бо лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ / У. Азимова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. –Хуҷанд: Типографи хурди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 2019. -№ 1(78). – С. 136142.

[2-М] Азимова У.А. Маҳфузмонии вожаҳои «Таърихи Байҳақӣ» дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ / У. Азимова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, 2019.- № 1(78). – С. 37-41.

[3-М] Азимова У.А. Робитаи забони «Таърихи Байҳақӣ» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубии тоҷикӣ / У. Азимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. Бахши филология.-Душанбе: Матбааи табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи матн 2019, -№ 5. – С. 54-60.

[4-М] Азимова У.А. «Таърихи Байҳақӣ» ва лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ / У. Азимова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. –Хуҷанд: Типографи хурди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 2019. -№ 3 (80). – С.137-142.

[5-М] Азимова У.А. Вижагиҳои корбурди баъзе пешояндҳо ва қолабҳои пешояндиву пасояндӣ дар “Таърихи Байҳақӣ” ва ҳифозати онҳо дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ / У. Азимова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ.-Бохтар, 2019. № 1-4(68). – С. 46-50.

б).Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмӯаҳои илмӣ:

[6-М] Азимова У.А. Таҳқиқи вожаҳои “Таърихи Байҳақӣ” дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ /У. Азимова // Сборник материалов IV глобальная наука и инновации 2019: Центральная Азия. Международная научно-практическая конференция“Global since and innovation 2019 Central Asia. Астана. 21 January 2019. - С. 296-299.

[7-М] Азимова У.А. Маҳфузмонии ибораҳои номии фразеологии “Таърихи Байҳақӣ” дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ / У. Азимова // Муҳаққиқ. Муассис: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. –Душанбе, 2020. № 1(48). – С. 6-10.

[8-М] Азимова У.А. Пойдормонии ибораҳои рехта / У. Азимова // Паёми Суғд – Хуҷанд, 2020. № 11. – С. 86-90.

ГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ
«ХУДЖАНДСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ АКАДЕМИКА БОБОДЖОНА ГАФУРОВА»

ББК-81.2Т
УДК-4Т
А37

На правах рукописи

АЗИМОВА УМЕДАДЖОН АБДУМАВЛОНОВНА

СРАВНИТЕЛЬНО-ИСТОРИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ЛЕКСИКИ И ФРАЗЕОЛОГИИ «ТАЪРИХИ БАЙХАКИ» С СОВРЕМЕННЫМИ СЕВЕРНЫМИ И ЮЖНЫМИ ТАДЖИКСКИМИ ГОВОРАМИ

СПЕЦИАЛЬНОСТЬ:
10. 02. 20-СРАВНИТЕЛЬНО-ИСТОРИЧЕСКОЕ, ТИПОЛОГИЧЕСКОЕ, И СОПОСТАВИТЕЛЬНОЕ ЯЗЫКОЗНАНИЕ

АВТОРЕФЕРАТ
ДИССЕРТАЦИИ НА СОИСКАНИЕ УЧЕНОЙ СТЕПЕНИ КАНДИДАТА ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Худжанд – 2020

Работа выполнена на кафедре таджикского языка Государственного образовательного учреждения «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова»

Научный руководитель: Хасанзода А.А. доктор филологических наук, профессор, заведующий кафедры таджикского языка Государственного образовательногоучреждения «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова»

Официальные оппоненты: **Мухторов З. М.** –доктор филологических наук, начальник управления международных отношений Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

Холшехова С. А.- кандидат филологических наук, дотсент кафедры таджикского и русского языков Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции города Худжанда

Ведущая организация: Государственное образовательное учреждение “Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айнӣ”

Защита диссертации состоится «22» апреля 2020г. в «15.00» часов на заседании диссертационного совета 6D.KOA-033 при Государственном образовательном учреждении «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова» (735700, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова,1).

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке Государственного образовательного учреждения «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова» и на сайте www.hgu.tj. Объявления о защите диссертации и её автореферат размещаются на официальном сайте ВАК- при Президенте Республики Таджикистана www.vak.tj

Автореферат разослан « » _____ 2020 г.

Ученый секретарь диссертационного совета:
кандидат филологических наук, доцент **Шарипова М.З.**

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность исследования. В истории таджикского (фарси) литературного языка имела место эпоха, когда процветала так называемая исламская историография, носители же этого наследия умело справились с задачей пробудить историческую сознательность среди других племен, особенно арабов. К числу таких периодов относились X-X1 века, ибо в эту замечательную эпоху жили и творили известные таджикские историки, как Мухаммад ибн Джарири Табари, Абуали Балъами, Абунаср Утби, Абуали Мискавайх, Абдулхай Гардези. Создав весьма ценное наследие, они внесли весомый вклад в дело заложения основ признанных традиций исламской историографии, чем навечно оставили свой неизгладимый след на страницах истории.

Каждое из прозаических произведений, созданных в эти столетия, отличалось от других своими специфическими лексико-грамматическими особенностями. Так, «Таърихи Масъуди» («История Масъуди») Абулфазла Байхаки, известная как «Таърихи Байхаки» («История Байхаки»), относится к числу такого рода наследий, где повествование автора, по определению М. Волдманна, «изумительное, местами даже эмоциональное»[34]. Именно эта особенность данного трактата по истории побудила нас заострить своё внимание на анализе и выявлении связи слова, структуры и устойчивых выражений с современными таджикскими говорами.

Связь темы диссертационного исследования с приоритетными научными направлениями, крупными научными проектами или научно-исследовательскими работами. Настоящее диссертационное исследование выполнено в рамках реализации перспективного плана научно-исследовательской работы кафедры таджикского языка факултета таджикской филологии ГОУ «Худжандский государственный университет имени Бабаджана Гафурова» на 2016-2020 годы на тему «Структурносемантические и этимологические особенности лексики северного и центрального диалектов».

Степень изученности темы. До настоящего времени относительно разных аспектов языка исторического трактата Байхаки написаны научные труды и статьи, защищены научные диссертации, изданы учебники, однако авторы подобного научного наследия не ставили перед собой задачи исследовать и аналитически рассмотреть все языковые особенности указанного произведения. Эти труды, учитывая их содержание, мы разделили на три группы.

1. Исследования, в которых рассмотрены отдельные аспекты языка трактата Байхаки. К этой группе могут быть отнесены исследования, посвященные изучению специфики местоимений в наследии предков, в том числе в “Таърихи Байхаки”, профессора Б. Сиёева[35], отдельные заметки исследователей М.Волдманна и С. Шамисо о специфике двойственности языка произведения[36], или «двойственный стиль», или о принадлежности языка трактата к прозе “эпохи Гезневи и первого Сельджуки»[37], труд профессора А.Хасанова о связи языка наследия X-XШ веков с современными северными говорами[38], отдельное указание лингвиста М. Бокири об образовании ряда словосочетаний в указанном трактате[39], труды исследователей Г. Юсуфи о писательском мастерстве Абулфазла Байхаки в словообразовании и

---

[34] Волдманн М. Замона, зиндагӣ ва корномаи Байҳақӣ. Тарҷумаи Мансураи Иттиҳодия. Чопи аввал, Теҳрон, 1375.- С. 175.

[35] Сиёев Б. Ташаккули ҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ.- Душанбе: Ирфон, 2002.- С. 58, 62, 112, 123, 135, 146-147, 179, 209.

[36] Волдманн М.Замона, зиндагӣ ва корномаи Байҳақӣ. Тарҷумаи Мансураи Иттиҳодия. Чопи аввал, Теҳрон, 1375.- С.175.

[37] Шамисо С.Сабкшиносии наср. Теҳрон, 1377. – С. 47-48.

[38] Ҳасанов А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ). –Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – С. 60, 78, 93, 97, 121, 122, 123, 154, 183, 193, 195, 208, 212.

[39] Боқирӣ М. Таърихи забони форсӣ. -Теҳрон: Нашри «Қатра», 1375. –С.180.

словоупотреблении[40], Х. Фаршедварда о специфике структуры предложений «Таърихи Байхаки», особенно о членах предложений, специфике сложных предложений, особенностях сложноподчиненных предложений[41], Б. Саиди о специфике глаголов в «Таърихи Байхаки»[43], О.Мирмухаммадова о многозначности разноструктурных глаголов в произведении[42], Дж. Абдулхадова об арабских, тюркских и монгольских заимствованиях, об имеющих место в трактате заимствованиях из хинди и греческого языков[43].

2. Вторую группу научного наследия составляют те, содержание которых очевидно из анализа отдельных лексических, словообразовательных или морфологических особенностей произведения. К ряду такого рода научного наследия относятся исследования Ж. Лазара о том, что "Таърихи Байхаки" является хорошим образцом персидской прозы дари, о специфике применения словообразующих и формообразующих префиксов, как *андар*-, *ме*-, *ҳаме*, о применении ряда местных слов и словосочетаний[44], Т. Зехни о некоторых лексических особенностях трактата по истории Байхаки, об устойчивости некоторых его слов, структур и словосочетаний в современных таджикских говорах, о специфике использования отдельных фразеологических единиц в произведении, об отдельных отличительных особенностях частей речи, как существительных и глаголов[45], труды Н. Салимова о том, что Байхаки является последователем арабской прозы, об обращении автора к способам сравнения и к рифмованной прозе, о выборе Байхаки слов и новых оборотов речи из резервов местных говоров, новых таджикских слов и выражений[46], Ю. Кенджаева о лексико-словообразовательной специфике «Таърихи Байхаки»[47], С. Муллоджона о развитии персидского языка дари не только при дворе, но и за его пределами[48], О.Сулаймонова о специфике применения именных частей речи и глагола, вспомогательных слов и междометий[49].

3. В целом ряде научных исследований, в учебниках или учебных пособиях отечественных и зарубежных учёных в числе других языковых особенностей прозаического наследия классиков рассмотрены и отдельные лексические, морфологические и синтаксические особенности «Таърихи Байхаки». Труды М. Н. Касымовой о некоторых лексических особенностях «Таърихи Байхаки»,

---

[40] Юсуфӣ Ғ. Ҳунари нависандагии Байҳақӣ // Ёдномаи Абулфазли Байҳақӣ. Чопи дувум, - Машҳад, 1374. – С.798.

[41] Фаршедвард Х. Ҷумла ва таҳаввули он дар забони форсӣ. -Теҳрон, 1375.- С. 375-376, 381-383.

[43] Саиди Б.Ф. Глагольная лексика в «Таърихи Бейхаки»: автореф. дис. … канд. филол. наук. - Душанбе, 2009. – С. 8-21.

[42] Мирмухаммедов О.Т.Семантические поля разноструктурных глаголов «Таърих-и Байхаки». автореф. дис. … канд. филол. наук. -Худжанд, 2011. – С. 6-22.

[43] Абдулхадов Ж.З.Лексические заимствования в «Таърихи Байҳақи» Ходжа Абулфазл Мухаммад бинни Хусайн Байхаки дабир: автореф. дис. … канд. филол. наук. -Душанбе, 2012. –С.7-21.

[44] Lazard G. La lanque des plus anciens monuments de la prose persane. Monograph / G. Lazard. Paris, 1963. – С.76-79.

[45] Зеҳнӣ Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ. –Душанбе: Дониш, 1987. – С. 32, 34, 70, 92-93, 141, 149, 153, 159, 165, 166, 171-172, 178, 192, 194, 207, 208, 210.

[46] Салимов Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои 1ХХ111). –Хуҷанд: Нури маърифат. 2002.- С. 46-47.

[47] Кенджаев Ю. Лексические и словообразовательные особенности «Таърихи Байҳақи» Абулфазла Байхаки: автореф. дис. … канд. филол. наук. -Худжанд, 2000.-С.6-23; Кенҷаев Ю. Сеҳри сухани Байҳақӣ. -Хуҷанд, 2000. – С. 6-34.

[48] Муллоҷон С. Порсии дарӣ дар аҳди Ғазнавиён // Забон-рукни тоат (маҷмӯаи мақолаҳо). Китоби чорум. Душанбе, 2008. – С.353.

[49] Сулаймонов О.Морфологические особенности «Таърихи Байхаки»: автореф. дис. … канд. филол. наук. -Худжанд, 2006. – С. 6-23.

морфологических и синтаксических особенностях данного произведения [5051] , С. Халимова о приобретении в некоторых случаях особенностей стиля газетной заметки «Таърихи Байхаки», наличие в произведении исключительных художественных элементов, применение элементов народного говора или употреблении в диалогах произведения кратких разговорных предложений, степень важности этого трактата с точки зрения словаря и синтаксиса [52] , М. Бахора относительно лексической, морфологической и синтаксической специфики этого трактата[53] относятся к данному числу исследований.

Цель и задачи диссертации. Отсутствие исследований, посвященных выявлению связей языка трактата по истории Абулфазла Байхаки с современными северными и южными таджикскими говорами считается определителем цели и задач настоящего исследования. Обилие сохранности слов, структур, обычных словосочетаний и устойчивых выражений из «Таърихи Байхаки» в современных таджикских говорах вынуждает нас к основательному аналитическому рассмотрению способов и путей их сохранности.

Задачи исследования тесно связана с его целью и требует аналитического решения следующих вопросов:

-определение лексико-семантических групп исконных таджикских лексических единиц, имеющих место в «Таърихи Байхаки» и в современных северных и южных таджикских говорах;

-аналитическое рассмотрение степени сохранности исконно таджикских словарных элементов трактата Байхаки в современных северных и южных таджикских говорах;

-указание на принадлежность исконно таджикских словарных элементов “Таърихи Байхаки” и современных северных и южных говоров к частям речи;

-определение языковой принадлежности нетаджикских лексических единиц трактата Байхаки и их сохранности в современных северных и южных таджикских говорах; -выявление степени изменений в содержании и форме слов, структур и отдельных словосочетаний “Таърихи Байхаки” в современных таджикских говорах;

-определение причин вхождения в оборот исконно таджикских лексических единиц указанного произведения в современные северные и южные таджикские говоры без изменений или со структурными и семантическими изменениями;

-указание на границы применения таких лексических элементов трактата Байхаки в современных северных и южных таджикских говорах;

-рассмотрение сохранности специфики старых и появления новых особенностей в некоторых исконных таджикских и заимствованных лексических элементах “Таърихи Байхаки” в современных северных и южных таджикских говорах;

-аналитическое рассмотрение особенности использования заимствований в указанном трактате и современных северных и южных таджикских говорах;

-указание на специфику использования именных и глагольных устойчивых оборотов в “Таърихи Байхаки” и на их сохранность в современных северных и южных таджикских говорах без изменений содержания и формы или с определенными

---

[50] Қосимова М.Н.Таърихи забони адабии тоҷикӣ. Асрҳои Х1-Х11. Китоби дарсӣ. Ҷилди 2. -Душанбе,

[51] . -С. 5, 10, 19, 29, 34, 52, 66, 161, 163, 164, 165, 168, 175, 186, 190, 195, 200, 202, 208, 210, 211, 214, 220, 227.

[52] Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои Х1-Х11). -Душанбе, 2002. – С. 16, 45, 46, 68, 69, 70, 71, 72.

[53] Баҳор М. Т. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. -Техрон: Интишороти «Заввор», 1381. Ҷ. 1. – С. 344, 346, 352; ҷ. 2. –С. 88, 90, 92.

изменениями; -выявление роли соматических слов, как ключевой лексики устойчивых выражений в “Таърихи Байхаки” и их сохранности в современных северных и южных говорах;

